# ҶАШНИ ВАТАНДОРӢ ХУҶАСТА БОД!

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 5 (197) 6-УМИ СЕНТЯБРИ СОЛИ 2024, ҶУМЪА



Тоҷикистони азизи мо баъди эълони истиқлолият роҳи бунёди давлатдории навини миллиро пеш гирифт ва дар шароити бисёр ҳассосу фоҷиабор, яъне ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ соҳиби рамзҳои давлатӣ гардид, ки муаррифгари давлати тозаистиқлоли мо дар арсаи байналмилалӣ ва боиси ифтихори ҳар як шаҳрванди кишвар мебошанд.

Ҳамзамон бо ин, мо бо мақсади арҷгузорӣ ба ҳофизаи таърихӣ ва гузаштаи пурифтихори халқамон арзишҳои давлатдорӣ ва суннатҳои тамаддунсозии ниёгони худ, аз ҷумла давлатдории Сомониёнро эҳё намудем.

Хотирнишон месозам, ки роҳи дар муддати беш аз се даҳсола тайкардаи мо пур аз шебу фарозҳо буда, мардуми шарифи Тоҷикистон тавонистанд истиқлоли давлатии худро аз фитнаву дасисаи бадхоҳони дохиливу хориҷии миллати тоҷик ва давлати тоҷикон содиқона ҳифз намоянд, ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ хотима бахшида, сулҳу субот ва ваҳдати миллиро дар кишвар барқарор созанд.

Яъне тоҷикон ҳамчун миллати куҳанбунёд тавонистанд, ки монеаву мушкилоти эҷодкардаи душманони худро бо азми қавӣ ва иттиҳоду сарҷамъӣ бартараф карда, дар рӯзҳои хеле душвору сарнавиштсоз зери парчами истиқлолу озодӣ муттаҳид гардида, давлати хешро ба рӯзҳои осудаву obод расонанд.

Эмомалӣ РАҲМОН

# МУКОФОТҲОИ ДАВЛАТӢ МУБОРАК БОШАД, УСТОДОНИ АЗИЗ!



Таърихи 29 августи соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба истиқболи ҷашни 33-солагии Истиқлоли давлатӣ ба намояндагони касбу кори гуногун мукофот ва унвону ҷоизаҳои давлатӣ тақдим намуданд.

Боиси хушнудист, ки дар ин миён профессори кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносӣ, д.и.ҳ., Ғаффорзода И.Ғ. ва дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ н.и.ҳ., Раҷабзода М.Н. бо мукофоти давлатии «Медали хизмати шоиста» сарфароз гардонида шуданд.

Аз ин рӯ, садорат, ҳайати устодону кормандон, донишҷӯён ва идораи рӯзномаи “Минбари ҳуқуқшинос”эшонро бо ин дастовардашон табрик намуда, дар фаъолияти минбаъдаи илмию омӯзгориашон бурдбориҳо хоҳонем.



# ТАМОШОИ ДАСТАҶАМЪОНАИ СУХАНРОНИИ ПЕШВОИ МУАЗЗАМИ МИЛЛАТ БАХШИДА БА РӮЗИ ДОНИШ ВА ДАРСИ СУЛҲ ДАР ФАКУЛТЕТ

Субҳи 1-уми сентябр чун анъана дар тамоми макотиби олӣ ва миёнаи Тоҷикистон бо садо додани Суруди миллӣ ва ҷамъомади идона соли нави таҳсил оғоз гардида, донишҷӯён ва хонандагон бо руҳияи болида дар муассисаҳои таълимӣ ба илму донишандӯзӣ шуруъ намуданд. Соли нави хониш чун анъанаи солҳои пеш  бо Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ оғоз гардид.



Худи ҳамин рӯз Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Синои пойтахт Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №19-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор дода, дар рӯзи Дониш ва оғози тантанавии соли нави таҳсили 2024-2025 иштирок намуданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳама ҷавонону наврасони кишвар бо умедворӣ ва боварии зиёд хитоб намуда таъкид намуданд: “Шумо ҳам дар навбати худ, хонед, илм омӯзед, соҳибкасбу забондон шавед, ворисй шоистаи гузаштагони некном ва имрӯзиён бошед. Ҳар коре, ки мо имрӯз анҷом дода истодаем, фақат ба хотири имрӯзу фардои босаодати шумо мебошад. Фаромӯш накунед, ки танҳо илму дониш ва сатҳи баланди маърифат ба шумо қобилияти расидан ба қадри истиқлолу озодӣ, давлату давлатдорӣ, падару модар, забон, таърих, фарҳанг, расму ойинҳо ва дигар арзишҳои бебаҳои миллиро фароҳам месозад”.

Дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳайати васеи устодону кормандон ва донишҷӯёни факултет суханронии мустақими Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба Рӯзи дониш ва дасри сулҳро бо эҳсоси баланди масъулият ва хештаншиносӣ тамошо намуданд.





# ҲАМОИШИ ИЛМӢ ДАР ДОНИШГОҲ

Имрӯз (05.09.2024) бахшида ба 33-юмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бинои марказии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо иштироки муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Мансурӣ Дилрабо Сайдулло ва муовини раиси шаҳри Душанбе Одилзода Дилбар Раҳим бахшида ба 33-юмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Нақши Пешвои миллат дар таҳкими Истиқлоли давлатӣ» ҳамоиши ҷумҳуриявии илмӣ – назариявӣ баргузор гардид. Ибтидо, ректори Донишгоҳ аҳли нишастро ба истиқболи 33-юмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон шодбош гуфта, аз дастовардҳои илмию таълимии солҳои истиқлоли кишвар сухан намуд.





Дар идомаи чорабинӣ аз ҷониби муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Мансурӣ Дилрабо Сайдулло як қатор устодони донишгоҳ бо унвони фахрии «Корманди_шоистаи Тоҷикистон» ва медали “Хизмати шоиста” қадрдонӣ шуданд.

Ёдовар мешавем, ки чорабини имрӯза дар сатҳи баланд ва дар руҳияи баланди ватандӯстию хештаншиносӣ баргузор гардида, дар бахши дигари он барномаи рангини ҳунарии ансамбли халқии «Наврӯз»-и Донишгоҳ хотири тамошобинонро шод намуд, ки дар барномаи фарҳангӣ-фароғатӣ сурудҳои тараннумгари васфи ватан, сулҳу дустӣ хонда шуданд.

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

**Муассис:**
Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

**Сармуҳаррир:**
Миралӣ СОБИРОВ
www.law.tnu.tj@gmail.com

**Муовини сармуҳаррир:**
Азимҷон ҶУРАЕВ
**Муҳаррир:**
**Яқуб ҲАКИМОВ**
**Тарроҳ:**
Акмал Шарипов

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Мирзозода П.З.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафарзода Б.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Маҳмудов И.Т.**
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Раҳимзода М.С.**
муовини декан оид ба илм ва  инноватсия;
**Сулаймонов Ф.С.**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ.

**ҲАЙАТИ  МУШОВАРА:**
**Насриддинзода Э.С.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ, ректори ДМТ.
**Ватанзода М.М.**
Муовини аввали раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ.
**Раҳмон Д.С.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори ДДК ба номи А. Рӯдакӣ.
**Маҳмудзода М.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, академики АМИТ.
**Раҳимзода М.З.**
профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АМИТ.

**ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳамаи андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.
Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ тахти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016  ба қайд гирифта шудааст.

Нишонии идора: ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: (+992) 918-15-05-05
(+992) 988-15-73-73
Теъдод: 1000
Навбатдори шумора:
**Шерзода Бурҳоналӣ**

# АМРИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН




1. Ба муносибати 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» Озмуни ҷумҳуриявии «Беҳтарин китоби илмӣ, мақолаи илмӣ ва мақолаи илмию оммавӣ» дар соли 2024 баргузор карда шавад.

2. Низомнома, ҳайати комиссия ва ҷоизаҳои Озмуни ҷумҳуриявии «Беҳтарин китоби илмӣ, мақолаи илмӣ ва мақолаи илмию оммавӣ» тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1, 2 ва 3).

3. Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳои адлия, маориф ва илм, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар сатҳи баланд доир гардидани Озмуни мазкур чораҳои зарурӣ андешанд.

4. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои соли 2024 пешбинӣ гардидаанд, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати баргузории Озмуни мазкур 195 000 (яксаду наваду панҷ ҳазор) сомонӣ ба таври накд ҷудо намояд.

5. Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи мақсадноки маблағи ҷудошударо таъмин карда, ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи харочоти анҷомдодаро пешниҳод намояд.

6. Назорати иҷрои амри мазкур ба зиммаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шавад.

**ш. Душанбе**
**31 августи соли 2024**
**№АП-632**

# ҲИМОЯИ РИСОЛАИ НОМЗАДӢ ДАР ФАКУЛТЕТ



Таърихи 03.09.2024 шаҳрванди Ҷумҳурии Исломии Эрон, унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносӣ Обединӣ Муҳаммад Ҳусейн, рисолаи номзадии худро дар мавзуи «Бекор кардани акди никоҳ дар ҳуқуқи Эрон» зери роҳбарии Академик Маҳмудзода Маҳкам Аъзам сарбаландона ҳимоя намуд.





Воқеан ҳам боиси ифтихормандист, ки бо ташаббусу заҳматҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷумҳурӣ шароити мусоид баҳри рушди илму маорифи кишвар ба вуҷуд омада, ба ин васила шаҳрвандони хориҷӣ низ дар кишвари мо рисолаҳои илмии хешро дифоъ менамоянд.

Аз ин рӯ, садорат, ҳайати устодону кормандон, донишҷӯён ва идораи рӯзномаи "Минбари ҳуқуқшинос" Обедини Муҳаммад Ҳусейнро бо ин дастоварди арзишманди илмӣ таҳният гуфта, дар корҳои минбаъдаи илмиашон барору комёбиҳои аз ин бештарро орзу менамоянд.

# ШОДИЁНА



Факултети ҳуқуқшиносӣ ҳамчун кохи бузурги донишу хирад дар тарбия намудани ҳуқуқшиносони варзида ва кадрҳои баландихтисос нақши босазо дорад. Хурсандиовар аст, ки теъдоди устодони унвондор дар факулет рӯз аз рӯз ба маротиб зиёд гардида, онҳо пайваста бо унвонҳову дастовардҳои илмӣ сарфароз гардонида мешаванд ва ба ин васила хазинаи илмии мамлакатро бою ғанӣ мегардонанд.

Дар асоси гуфтаҳои болозикр санаи 24-уми августи соли равон дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ Давлатзода Компрон Давлат рисолаи доктории худро дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» сарбаландона ҳимоя намуд. Аз ин рӯ, садорат, ҳайати устодону кормандон, донишҷӯёни ва идораи рӯзномаи "Минбари ҳуқуқшинос" Давлатзода К.Д.-ро ба ин дастовардашон аз самими қалб муборакбодӣ намуда, ба онҳо рӯзгори хушу осуда ва фатҳи қуллаҳои нави илмиву эҷодиро баҳри пешбари илми тоҷик таманно менамоянд.



# ДАРАҶАИ ИЛМӢ МУБОРАК БОШАД!





Дар асоси фармоиши Раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи додани дараҷаи илмӣ, ба ассистентони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносӣ Камолов Хуршедулло ва Шарипов Р.Ф. дипломи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шуд. Аз ин рӯ, садорат, ҳайати устодону кормандон, донишҷӯён ва идораи рӯзномаи "Минбари ҳуқуқшинос" устодони азизро ба ин дастоварди илмиашон самимона табрику таҳният намуда, ба онҳо барору комёбиҳои беназирро таманно дорад.

# 33 СОЛИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ. АЗ ИҚДОМҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ТО СОЛИ МАЪРИФАТӢ ҲУҚУҚӢ



Мирзозода Парвон-
профессор, декани факултети
ҳуқуқшиносӣ

**«Рӯзи соҳибистиқлолии мамлакат, ки дар саҳифаҳои таърихи навини Ватанамон бо хатти заррин сабт шудааст, барои мардуми куҳанбунёду тамаддунсози мо санаи баркарор гардидани адолати таърихӣ, яъне соҳиби давлатдории мустақили миллӣ гардидани миллати тоҷик ва дар арсаи байналмилалӣ парафшон шудани парчами давлати тоҷикон мебошад»**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Бо сиёсати боровару талошҳои хастанопазири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон шаҳрвандони мамлакат дар соли 2024 33-юмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба таври шоиста ва бо дастовардҳои беназир ҷашн мегиранд. Истиқлоли давлатии ифодакунандаи соҳибихтиёрии давлат, рукни бунёди озодии инсон ва ҷавҳари асосии зиндагӣ дар тамоми давру замон ба ҳисоб меравад.

Мусаллам аст, ки ҳар як шаҳрванд вазифадор аст бо амалисозии иқдому ташаббусҳои неку созанда ба хотири боз ҳам таҳким бахшидани дастовардҳои истиқлоли давлатӣ, тақвияти иқтидори иқтисодии давлат, беҳтар гардонидани сатҳу сифати зиндагии мардум ва ободии Ватан бо роҳи харҷи зудтар расидан ба ҳадафҳои стратегии миллӣ қарзи фарзандӣ ва рисолати шаҳрвандии худро дар назди халқ ва давлати Тоҷикистон содиқонаву софдилона иҷро намояд.

Дар замони муосир ҳар як давлати соҳибихтиёру мустақил аз ташаббусҳои мушаххас барои расидани ба ҳадафҳои стратегии худ, ба таври васеъ истифода мебарад. Чунин ташаббусҳо аз он дарак медиҳанд, ки давлат сиёсати мустақилу устувори хешро пайгирӣ намуда, бо мақсади рушди устувор ҷиҳати расидан ба рушди босуръати иқтисодиёт, баробарии иҷтимоӣ ва суботи экологӣ талош намуда истодааст.

Ташаббусҳои Тоҷикистон на танҳо аҳамияти дохилидавлатӣ доранд, инчунин аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта шуда, аҳамияти умумиҷаҳониро касб менамоянд. Робитаҳои густурда ва серҷанбаи давлати азизамон бо Созмони Милали Муттаҳид ва ниҳодҳои мухталифи он мисли пештара аз таваҷҷӯҳи хос бархурдор аст. Зеро Тоҷикистон аз аъзои фаъоли Созмони Милал ба ҳисоб рафта, ҳамкориҳо бо ин ниҳоди муҳими ҷаҳонӣ баланд арзёбӣ мегардад. Дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ аз ҷониби он пазируфта шудани ташаббуси давлатамон, аз ҷумла, эълони соли байналмилалии оби тоза, тасдиқи даҳсолаи амалиёти «Об барои ҳаёт» ва Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об эълон гардидани соли 2013 мавкеи аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ эътироф гардидани сарварии Тоҷикистонро дар ин равand собит сохт ва таҳким бахшид.

Бо мақсади дастгирии соҳибкорӣ аз ҷониби роҳбари давлат зимни ироаи Паём, солҳои 2014-2020 давраи дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ ва рушди саноат дар самти коркарди ашёи хоми ватанӣ эълон гардид. Бо дарназардошти тамоюлҳои рушди ҷаҳони муосир зарур аст, ки ислоҳотро доир ба тавсеаи соҳибкориву бахши хусусӣ идома дода, иҷрои хуҷҷатҳои қабулгардида таъмин гардида, дар хусуси боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузориву рушди бахши хусусӣ чораҳои зарурӣ андешида шуда истодаанд.

Бояд гуфт, ки масъалаҳои маърифати оиладорӣ, баланд бардоштани масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзанд, омода кардани фарзандон ба ҳаёти мустақилона ва пойдории оила аз ҷумлаи проблемаҳое мебошанд, ки диққати доимии тамоми мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ ва кулли аъзои ҷомеаро тақозо мекунад. Бо дарназардошти аҳмияти масъала, соли 2015 дар кишвар "Соли оила" эълон гардид, ки дар синфҳои болоии мактабҳои таҳсилоти умумӣ курсҳои махсуси таълими маърифат ва одоби оиладорӣ ба роҳ монда шуданд.

Яке аз омилҳои асосии эълон гардидани соли 2017 Соли ҷавонон ин рисолати созандагию бунёдкорӣ доштани насли ҷавон аст. Аз ҷониби Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон Соли ҷавонон эълон гардидани соли 2017 дастоварди арзишманд дар самти татбиқи сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ҷавонон аст, ки оияндаи сарзамин ба фаъолияти онҳо вобаста мебошад. Бо дахл ба нақши ҷавонон дар рушди соҳаҳои мухталифи кишвар зикр шуд, ки аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ, ҷавонон дар ташаккул ва рушди муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, фарҳангиву сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ саҳми босазо гузоштаанд. Дар ин росто ҷавонон дар сафи Қувваҳои мусаллаҳ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва дигар бахшҳо неруи пешбарандаи ҷомеа эътироф гардидаанд. Иштирокдорони семинар зикр намуданд, ки ҷавонон дар рушди бахшҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа сарвати асосӣ ва афзалиятнок ба шумор меравад. Тибқи таҳлилҳо дар кишварамон тақрибан 55% аҳолии қобили меҳнат ва 80% шаҳрвандон ба иқтисодиёт машғулро ҷавонон ташкил медиҳанд. Мутаносибан ҷавонон ҳамчун захира ва қувваи асосии меҳнатӣ, инчунин сармояи афзалиятноки инсонӣ дар иқтисодиёти кишвар арзёбӣ мегарданд.

Бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2018 рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, ки эълони эҳёи ҳунарҳои миллӣ ва афзоиши дастранҷи шахсони эҷодкору соҳибистеъдоди миллати тоҷик равона гардида, дар навбати аввал ҳадафи асосии он муаррифии шоистаи миллати тоҷик мебошад. Мақсад аз эълон гардидани «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» як шиори рӯзмара набуда, балки муаррифии имкониятҳои сайёҳӣ, фарҳангии милии тоҷикон дар арсаи байналхалқӣ мебошад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми худ қайд намуданд, ки аз санаи 1-уми январи соли 2018 мардуми кишвар барои истеҳсол ва фурӯши молҳои ниёзи мардум дар хона ва рушди сайёҳӣ аз пардохти ҳамаи намуди андозҳо озод карда мешаванд. Ин ғамхории навбатии Пешвои миллат ба ҳар як фарди ватандӯст имконият медиҳад, ки дар муаррифии миллату ватани худ саҳмгузор бошанд. Эълон гардидани солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» мақсади муаррифии ҳамаҷонибаи иқдоми мазкур тасдиқ намуданд.

Солҳои 2022-2026, яъне то ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Солҳои рушди саноат эълон карда шаванд, зеро соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи мамлакат, ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва таъмин намудани иҷрои ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла раванди саноатикунонии босуръати кишвар аҳамияти бузург дорад. Ин нуктаро Президенти Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯз зимни ироаи Паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ иброз намуданд.

Инак, дар Паём аз 28 декабри соли 2023 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2024-ро «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карданд. Ин ташаббуси Пешвои миллат ба таҷлили 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд шудааст. Дар ин хусус, дар ҳамин Паём Президенти ҷумҳурӣ чунин иброз намуданд: «Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем. Бинобар ин, пешниҳод менамоям, ки соли 2024 ба ифтихори ин санаи бисёр муҳимми таърихӣ «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда шавад».

Имрӯз масъалаи баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз масъалаи марказии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Барои расидан ба мақсадҳои дар пеш гузошта олимон ва кормандони соҳаи ҳуқуқро мебояд дар доираи як ё якчанд сол маҳдуд нагарданд. Пеш аз ҳама тафсирҳои қонунҳо бо забони соддаву оммафаҳм ба табъ расонида шаванд.

Донистани Конститутсия ва қонунҳо танҳо вазифаи ҳуқуқшиносон нест, балки вазифаи ҳар як шаҳрванди ватандусту хештаншинос ва худогоҳ мебошад. Маҳз ҳангоми доштани маълумот дар бораи Конститутсия, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими ҷашну маросим, дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак ва дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии мансуб ба самти кору фаъолияти хеш маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон боз ҳам боло бардошта мешавад.





# НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАҲКИМИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

*Пойдориву пешрафти давлати соҳибтамаддуни тоҷикон ба шахсияти роҳбари он пайванди ногустастанӣ дорад. Чунки таъсиси мансаби президентӣ барои пойдориву мустаҳкамшавии ҳокимияти давлатӣ нақши аввалиндараҷаро доро мебошад.*

Новобаста аз таърихи наонқадар тӯлонӣ доштани таъсиси ин ниҳоди давлатӣ, ҳамчун ҷузъи муҳимтарини бунёду инкишофи давлату миллати шарифи кишвар ба шумор меравад. Дар ин робита академик М.С. Имомзода дуруст қайд менамоянд, ки «Китоби таърихи миллати мо хокӣ аз он аст, ки дар ҳама давраҳои таърихӣ бештар бо надоштани лидерҳои тавоно бо шикастҳо ва парешониҳо мувоҷеҳ гардидааст. Дар аҳди Сомониён миллати тоҷик тавониста буд, ки дар атрофи давлати миллии хеш муттаҳид гардад. Баъдан ин имкону муҳити давлатдорӣ тӯли қарнҳо имконнопазир гардид. Ҳокимиятхоҳон дар масири таърих кам набудаанд, аммо ҳунару сифати пешвоӣ дар тинати онҳо кам буд, ё набуд. Ҳамин буд, ки тоҷик марзу буми худро аз даст медод. Баъди ҳазор сол тоҷик аз нав истиқлол ба даст овард ва бо роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон асосҳои давлати миллиро бунёд ва пойдор гардонид».

Дар воқеъ, дастовардҳои истиқлоли давлатӣ бо талошҳо ва корнамоиҳои беназири Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавъам мебошанд, ки дар тӯли зиёда аз 30 сол инкишофи бо суръат, зиндагии шоиста, шароити хубу арзанда, оромиву осудагӣ, Ваҳдати комили миллӣ ва ягонагиву муттаҳидиву сарҷамъиро барои ҳар фарди миллат ҳадя намуд.

Оғози давлатдории муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба давраи мураккабу душвори гузариши кишвар аз як сохт ба сохти дигари ҷамъиятӣ рост омада буд. Яъне, дар ин айёми басо ҳассос ва тақдирсоз Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи ташаккули давлатдории нав, шароити сангини ҷанги шаҳрвандӣ, харобиҳои баъд аз ҷанг ва душвориҳои дигарро паси сар мекард. Охирҳои соли 1985 ва аввалҳои соли 1992 буд, ки шиорҳои ошкорбаёнӣ ва озодӣ аз ҷониби роҳбарони собиқ Шӯравӣ оғоз шуд ва Тоҷикистонро ба сӯи шинохти миллатсозӣ бо тарзу муносибатҳои ноустувор равона мекард. Ин маҷроҳои ноҳамвору бесубот зери сарпарастии бегонаситезон кишварро рӯз то рӯз ба самти норушан ва нооромкашондан мегирифтанд ва кор ба ҷое расид, ки ҷони зиёда аз ҳазор шахс талаф ёфт ва миллионҳо хисороти иқтисодӣ бар ҷой гузошт. Талошҳои гурӯҳҳои сохта барои озодӣ ва ҳувиятсозӣ вазъияти кишварро боз ҳам ваҳмтару ваҳшатноктар мекард ва мардумро ба тарафи парокандагӣ ва ҷудоихоҳӣ мебурд. Вазъият ба ҷое расида буд, ки дар ҷомеа ноадолатиҳои иҷтимоӣ афзудан мегирифт ва ноилоҷ бисёре аз мардум ба сӯи кишварҳои ҳамсоя муҳоҷират карда, хонаву маҳалли сукунати худро тарк карданд. Тавре коршиносон мегӯянд: «Ҷанги шаҳрвандӣ наметавонад шукуфоӣ ва сулҳ оварад», ё худ натиҷаи он низоъҳои дохилии сиёсӣ буд, ки боиси вайрон гардидани асосҳои сохтори давлатӣ, аз байн бурдани зиёда аз 157 ҳазор нафар ҷони одамон, зиёда аз 10 миллиард доллари ИМА хисороти молу мулкӣ, бештар аз 50 ҳазор нафар кудакон бе парастории падару модар мондаанд.

Ба бахти тоҷику тоҷикистониён Эмомалӣ Раҳмон, сарфи назар аз ҷавонии худ, дар ҷодаи сиёсат аз ин ҳодисаву воқеаҳо дар душвортарин шароиту вазъият бо сарбаландӣ берун омаданд.

Дар баробари ин, соли 1994 ба хотири раҳонидани миллату давлати тоҷик аз хатари нестшавӣ, фароҳам овардани шароит барои зиндагиву фаъолият дар фазои сулҳу амният ва осудагиву субот дар саросари Тоҷикистон, ба ҳам овардани миллати пароканда, даст ёфтан ба ваҳдату ҳамбастагии доимӣ ва рушду тараққии соҳаҳои ҳаётан муҳими ҷомеа, бавижа илму фарҳанг, маориф,



**Сулаймонов Манучеҳр**
**мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ**

сиёсат, иқтисодиёт ва ғайра дар нахустин Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки аз ҷониби халқ қабул карда шуд, Тоҷикистон аз шакли идории парламентӣ ба шакли ҷумҳурии президентӣ гузашт. Дар ҳамин сол, дар марҳилаи ниҳоят ҳассоси таърихӣ, ки давлату миллати тоҷик ба сарваре ҷасур ва хирадманду дурандеш ниёз дошт, интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид ва дар ин интихобот муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз миёни дигар номзадҳо пирӯз омада, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуданд.

Ҷаҳон медонад, ки ҷанги шаҳрвандӣ бо ҷонбозӣ ва заҳмати шабонарӯзии фарзанди хирадманди диёр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хотима ёфт, фазои оромиву осудагӣ фароҳам омад. Фазое фароҳам омад, ки мардуми Тоҷикистон бо ақлу неруи тоза суйи созандагию бунёдкорӣ қадам заданд.

Воқеан, новобаста аз роҳи ноҳамвори таърихии миллат, мо тавонистем зери роҳбарии шахсияти оқилу доно онро сипарӣ намоем, ки моҳият ва чавҳари онро метавон ҳамчун давраи пурпечутоби имтиҳон, дарку ҳазми мафҳум ва моҳияти истиқлолият, кашмакашу нофаҳмиҳои миёни неруҳои мухталифи иҷтимоиву сиёсии ҷомеа, ки нуқтаи олии он - ҷанги дохилии кишвар буд ва боз ба сӯи ҳамдигар дароз кардани дасти дӯстиву ҳамдигарбахшии тарафҳои мухолиф, тақвияти давлату давлатдорӣ, рӯ ба рӯ бо мушкилоти иҷтимоиву иқтисодӣ қарор доштани миллат ва ҳалли батадриҷу боэътимоди ин мушкилот эътироф намуд. Ҳамчунин, қобили зикр аст, ки дар ин роҳи басо душвор шуҷоату ҷасорати нотакрор доштани Эмомалӣ Раҳмон, заковати азими мардумпарваронааш, ватанпарастӣ ва миллатдӯстиаш боиси он гардид, ки ӯ ҷони хешро ба гарав монда барои таъмини ваҳдат ва барқарории сулҳ дар Тоҷикистон сафарҳои пурхатар намуда, сулҳу ваҳдатро дар кишвар барқарор намуд.

Дар баробари ин, мардуми шарафманди кишвар дарк менамуд, ки маҳз ҳамин марҳила бештар аз ҳама давру замонҳо аз мардум ақли солим ва хиради бунёдкоронаро тақозо намуда, шадидан зарурати ба даст гирифтани ҷилави корҳои идораи давлат ва ҷомеаро аз ҷониби сарваре, ки аз ҷасорату матонат, дили софу нияти пок, муҳаббату садоқат ба Ватан, миллат ва мардум бархурдор бошад, ба миён гузошт, зеро дар солҳои аввали касби истиқлолият халқи тоҷик душвортарин ва фоҷианоктарин давраи таърихии хешро ба сар мебурд. Бо дарк ва эҳсоси масъулияти таърихии дар ҳамон рӯзҳои воқеан ғайримуқаррарӣ ва фавқулодда муҳим иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун руйдоди сиёсии наҷотдиҳандаи миллат аз вартаи нобудӣ ва ифтитоҳбахши сулҳу субот, оромӣ ва рушду такомули ҷомеа этироф шудааст, ҷилави корҳои идораи давлати фалаҷгашта ва харобгардидаро ба ихтиёри раиси нав интихобшудаи Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов вогузошт. «Маҳз бо заҳмату талошҳои пайгиронаи Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон дар интиҳои асри XX аз фоҷиаи миллӣ раҳоӣ ёфта, истиқлолияти давлатии худро таҳким бахшид ва миллати тоҷик баъд аз ҳазорсола дар роҳи эҳёи давлатдории миллӣ ба дастовардҳои бузурги таърихӣ ноил гардид ва имрӯз ба суйиояндаи нек устуворона қадам мегузорад».

Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз аз оғози давраи фаъолияти сиёсиаш фазои холии идеологӣ, сиёсатҳои бепояи нобаҳангом, ваҳшонияти сиёсиву қатлу куштор, радикализми сиёсӣ ва иқтисодӣ, буҳрони маънавӣ, хурофоту мавҳумпарастиро аз сабабҳои аслии сар задани ҷанги шаҳрвандӣ номида, азми худро барои бунёди давлати демократии дунявӣ ва ҳуқуқбунёд, сарҷамъии миллат ва барқарории сулҳу ризоияти миллӣ дар кишвар баён дошт.

Интихоб шудани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин ниҳоди давлатӣ рӯҳ ва маънои бузург бахшида, мақоми Президентиро ба як ниҳоди наҷотдиҳандаи давлат ва сарҷамъии миллат табдил дод. Маҳз ба Эмомалӣ Рахмон муяссар гашт, ки тамоми таҷрибаи таърихию байналмилалӣ ва ҳукукию сиёсии ниҳоди Президентиро истифода намуда, ин тарзи давлатдориро ба модели наҷоти миллии мо табдил диҳад. Илова бар ин фаъолияти Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Президенти Ҷумҳурии Точикистон ин тарзи идоракунии давлатиро такмил дода, дар меҳвари он мактаби нави давлатдории миллии тоҷиконро ба вучуд овард, ки имрӯз бо бартарию хусусиятҳои худ эътирофи байналмилалро касб намудааст.

Хушбахтона, гузаштан ба низоми Президентӣ на танҳо боиси наҷоти давлату миллат, балки омили рушди устувори тамоми соҳаҳои муҳимми давлативу идорӣ гардид. Таъсиси ниҳоди президентӣ марҳилаи нави рушди давлатдорӣ маҳсуб ёфта, дар роҳи тасдиқи унсурҳои таҷзияи ҳокимияти давлатӣ қадами устувор гардид.

Созмони қолаби ҷадиди идораи давлатӣ дар Тоҷикистон бо сарварии Президент бо чанд омили вокеӣ ва зеҳнӣ муайян мегашт. Пеш аз ҳама, зарурати пурзӯр намудани ҳокимияти иҷроия, баланд бардоштани самаранокии он, қабули фаврии карорҳои идорӣ, такмили механизми иҷрои қонунҳо, тақвияти интизоми давлатӣ, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ аз ҷумла онҳо мебошанд. Ҷорӣ гаштани мансаби президент ба унсурҳои идора таҷҳиз бахшида, шароиту имконоти мусоидро барои рушди устувори Тоҷикистон фароҳам овард.

Ба ақидаи мо омилҳои асосии ташкили шакли идораи президентӣ чунинанд: таъсири ниҳодҳои деморкатӣ дар давлат, аз ҷумла таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ва таъмини мувозинат ва боздорӣ, барҳамдиҳии низоми яккаҳизбӣ ба бисёрҳизбӣ, муътадил намудани вазъияти сиёсии кишвар, фароҳам овардани шароити иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар давлат ва таъсиси давлати дунявӣ.

Имрӯз мардуми Тоҷикистон ба Эмомалӣ Раҳмон на ҳамчун ба Сарвари давлат, балки ҳамчун ба як наҷотбахши давлат, сарҷамъкунандаи миллат, кафили сулҳу ваҳдат, эҳёгари фарҳанги миллӣ, бунёдгузори мактаби давлатдории муосири миллӣ ва дар маҷмӯъ, ҳамчун меъмори давлатдории навини тоҷикон ва пешвои эътирофшудаи умумимиллӣ менигарад. Маҳсули заҳматҳои шоистаи Пешвои миллат дар он аст, ки кишвари мо дар масири зиёда аз 30 соли Истиқлолияти давлатӣ ба сулҳу ваҳдати миллӣ расид ва таҷрибаи сулҳи тоҷикон минбаъд, ҳамчун таҷрибаи нодири раси-

# НАҚШИ ҲУҚУҚИ



Ғаюрзода Шукрулло
мудири кафедраи
ҳуқуқи маданӣ

*Дар самти таъмини ҳуқуқи инсон ба озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ низ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд тадбирҳои самарабахш андешида шуданд. Махсусан ба хотири амалӣ гардидани ҳуқуқи инсон ба озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ дар мамлакат Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросим дар назди Ҳукумат, Муассисаи давлатии Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти мамлакат, Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам таъсис дода шуданд. Ҷиҳати танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва дар доираи қонун амалӣ намудани эътиқоди динӣ, ҳамзамон дур намудани шаҳрвандон аз хурофотпарастию сарфакорӣ қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» иқдоми саривақтии давлату Ҳукумат ба шумор меравад.*

Аз ин мафҳум бармеояд, ки моҳиятан фаъолияти инсон ва ё иттиҳодияҳои онҳо табиати ҷамъиятӣ дорад, зеро бо иштироки шахсони ташаббускор ва навовар анҷом дода мешавад. Ба андешаи баҳсноки устод Раҳимзода М. З. “фаъолият, категорияи мустақил буда, аз маҷмӯи амалҳои алоҳида иборат мебошад, ки ба воситаи онҳо муносибатҳои гуногуни субъектҳои ҳуқуқ амалӣ мешавад. Маҷмуи амалҳое, ки ба мақсади ягона, дар фаъолияти соҳибкорӣ бошад, ноил шудан ба натиҷаи ниҳоӣ, гирифтани фоида равона шудаанд, фаъолиятро ташкил медиҳанд.” [Раҳимзода М. З. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баъзе масъалаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ // Минбари ҳуқуқшинос. – Душанбе, 2024. – № 1 – 2 (193 – 194). – С. 9.] Ба андешаи мо истилоҳи “фаъолият” истилоҳи маҳсулӣ мебошад, бинобар ин вайро мустақил гуфтан маънои ба назар нагирифтани унсурҳои таркибии онро дорад. Фаъолият дар забони тоҷикӣ амали холӣ нест, балки маънои ташаббускорӣ ва навовариро дорад. Унсури асосии он шахси воқеӣ ва ё ҳуқуқии ташаббускор ва навовар буда, бо чунин сифат на танҳо соҳибкор, балки дигар субъектони ҳуқуқи маданӣ баромад карда метавонанд. “Ноил шудан ба натиҷаи ниҳоӣ” хосси танҳо фаъолияти соҳибкорӣ нест. Тибқи қисми 2 моддаи 3 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМ ҶТ) шахсони болозикр ҳуқуқҳои маданиро бо ирода ва ба манфиати худ ба даст оварда, амалӣ менамоянд. Онҳо дар муқаррар намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои худ дар асоси шартнома ва муайян намудани шартҳои шартнома, ки хилофи қонунгузорӣ нестанд, озоданд. Бинобар ин, “ноил шудан ба натиҷаи ниҳоӣ” истилоҳи озод, яъне субъективӣ буда, ҳар як субъекти ҳуқуқи маданӣ дар муқаррар намудани он мустақил аст. Дар фаъолияти соҳибкорӣ эҳтимолияти гирифтани даромади зиёд бо сабабҳои азҳад зиёд будани таваккалӣ ба эҳтимолияти муфлисшавӣ табдил шуданро дошта метавонад. “Гирифтани фоида” хосси танҳо фаъолияти соҳибкорӣ нест, зеро иштирокдорони дигари муносибатҳои молумулкӣ, масалан муассиса ва дигар ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар асоси оинномаашон метавонанд ба гирифтани фоида машғул шаванд. Тибқи қисми 2 моддаи 125 КМ ҶТ “иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои динӣ ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мебошанд. Онҳо танҳо барои ноил шудан ба мақсадҳои оинномавиашон ҳуқуқ доранд фаъолияти истеҳсолӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ анҷом диҳанд.” Ё мутобиқи қисми 2 моддаи 339 кодекси болозикр: “Агар мутобиқи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ба муассиса иҷозат дода шуда бошад, ки ба фаъолияти даромаднок машғул шавад, дар он сурат даромад аз чунин фаъолият ва молу мулке, ки аз ҳисоби чунин даромад ба даст оварда шудааст, пурра ба ихтиёри муассиса гузашта, дар тавозуни алоҳида ба ҳисоб гирифта мешаванд.”

Дар мақолааш устод Раҳимзода М. З. чунин ибрози назар кардааст: “Қайд кардан бамаврид аст, ки навгонии муҳими Кодекси маданӣ аз он иборат аст, ки агарчанде аз он мафҳуми фаъолияти соҳибкорӣ хориҷ карда шуда бошад ҳам, аммо ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ, аввалин маротиба ҳамчун қисми таркибии қобилияти ҳуқуқдории шаҳрванд дар Кодекси маданӣ муқаррар карда шуд (м. 19). [Раҳимзода М. З. Асари ишорашуда. – С. 9.]”

Ин ақидаи муаллиф баҳснок аст, чунки дар моддаи 19 Кодекси граждании ҶТ муқаррар гардида буд, ки шаҳрванд метавонад “бо ҳар гуна фаъолияти манънакардаи асноди қонуни машғул шавад.” Фаъолияти соҳибкории шаҳрванд ва дигар шахсони воқеӣ дар Тоҷикистон манъ нашудааст. Ҳамин тавр, яке аз чунин намуди фаъолияти манънашуда, фаъолияти соҳибкорӣ мебошад ва қонунгузор ҳамин фаъолиятро низ дар назар дорад. Дар ин моддаи қонуни зикршуда махсус сухан дар бораи “ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ” намеравад ва ба сифати субъекти фаъолияти соҳибкорӣ на шаҳрванд, балки шахси воқеӣ эътироф шудааст. Анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ унсури қобилияти ҳуқуқдории мадании танҳо шаҳрванд нест. Дар ҳолатҳои муқаррар намудани қонунгузорӣ дигар субъектони ҳуқуқи маданӣ метавонанд ба ин фаъолият машғул шаванд. Махсус эътироф намудани “ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ” зарурат надорад, чунки дар асоси қисми 1 моддаи 7 КМ ҶТ: “Ҳуқуқу уҳдадориҳои маданӣ аз асосҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ, инчунин аз амалҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд, гарчанде дар қонунгузорӣ пешбинӣ нашуда бошанд ҳам, вале тибқи асосҳои умумӣ ва моҳияти қонунгузории маданӣ ҳуқуқу уҳдадориҳои маданиро ба вуҷуд меоранд.” Субъекти муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ будани соҳибкор дар низоми ягонаи (монистии) танзим дар ҶТ маънои онро дорад, ки ҳамаи шахсон дар муносибатҳои зикршуда қобилияти ҳуқуқдории баробар доранд. Ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудани дилхоҳ шахси ваколатдор ягонагии танзими ҳуқуқи маданиро тағйир намедиҳад. Барои рушд ва ҳимояи соҳибкорӣ дар низоми ягонаи танзими ҳуқуқи маданӣ будани он муфид мебошад, чунки ин фаъолияти ҳаётан муҳим барои Тоҷикистон маҳсули озодиҳои инсон ва иттиҳодияҳои он аст. Таърихи ташаббусҳо дар хусуси аз танзими ҳуқуқи маданӣ ҷудо намудани соҳибкор далели он аст, ки чунин ақидаҳои беасос нав нестанд ва кӯшишҳои бесамар мебошанд. Чунин ақидаҳо ва даъвои беасос харҷи беҳудаи вакт, қалам, қоғаз ва дигар чизҳо, бар зарари таҳқиқи масъалаҳои муҳими танзими ҳуқуқи маданӣ мебошад. Ба андешаи мо вақти он расидааст, ки муҳаққиқон ба таҳқиқи масъалаҳое машғул шаванд, ки воқеият ва эҳтиёҷоти таҳқиқ дорад, барои беҳтар намудани ҳаёти инсон ва ниҳодҳои он равона шудааст. Аз ақидаҳои беасос ва куҳнашуда баҳри рушди инсон дасткашидан лозим аст. Маърифати ҳуқуқии муҳаққиқ риояи одоби илмиро тақозо менамояд.

Дар таҳлили ин масъала дар ҳуқуқи маданӣ мо бояд муайян намоем, ки калимаи «шаҳрвандон» чи маъно дорад. Ин истилоҳ маънои ҷамъи ду ва зиёда шаҳрвандро дошта, решаи он аз калимаи «шаҳрванд» иборат аст. Калимаи «шаҳрванд» якчанд маъно дорад. Масалан, маънои сокини доимии шаҳр ва ё шаҳрнишинро дорад. Дар маънои дигар инсонеро меноманд, ки робитаи устувори сиёсию ҳуқуқӣ бо давлати мушаххас ва ё якчанд давлатро дошта, шаҳрванди як давлат ва ё зиёда аз он мебошад.

Дар ҳуқуқи маданӣ калимаи мазкур маъноҳои гуногун дорад. Масалан, дар моддаи 17 Кодекси граждании ҶТ (аз 1. 07 соли 2023 аз эътибор соқит шуд) мафҳуми шаҳрванд маънои васеъ дошта, шаҳрванд гуфта шаҳрванди ҶТ, шаҳрванди давлати дигар ва шахси бешаҳрвандиро меномиданд. Ҳамин тавр, мафҳуми шаҳрванд ҳаммаънои калимаи «шахси воқеӣ» буд. Чунин фаҳмиш аз нигоҳи накши калимаи «шахси воқеӣ» дар танзими ҳуқуқӣ дуруст набуд, зеро ки маънои калимаи «шаҳрванд» маҳдуд буда, дар доираи робитаи мушаххаси инсон бо давлат ё табаият муайян карда мешавад. Албатта калимаи «шаҳрванд» дар инъикоси муносибати инсон бо давлат, иҷрои уҳдадориҳои ҳатмӣ, садоқат ба Ватан ва ҳимояи он накши муҳим дорад, вале ҳаммаъноӣ калимаи «шахси воқеӣ» намебошад. Инро ба назар гирифта моддаи 17 дар КМ ҶТ таҷдиди назар карда шуд. Мувофиқи қисми 1 он таҳти мафҳуми шахси воқеӣ шаҳрванди ҶТ, шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд фаҳмида мешавад. Ҳамин тавр, камбудиҳои ҷойдошта оид ба фаҳмиши «шаҳрванд» бартараф гардид.

Дар моддаи 2 КМ ҶТ ҷойгир нашудани мафҳуми фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби Раҳимзода М. З. чунин маънидод карда шудааст: “Қайд кардани ҳастем, ки хориҷ намудани “фаъолияти соҳибкорӣ” аз Кодекси маданӣ бо иштироки бевоситаи мутахассисони соҳаи ҳуқуқи маданӣ, ки дар таҳияи минбаъдаи он иштирок доштанд “дониста” ва ё ин ки “тасодуфан” ба анҷом расонида шуд. Бо ҳамин ҷараёни ба худ хоси “ғасби” ҳуқуқи соҳибкорӣ аз тарафи ҳуқуқи маданӣ ба охир расида, Кодекси маданӣ дигар нақши Конститутсия иқтисодиро чи хеле, ки баъзе мутахассисони соҳаи ҳуқуқи маданӣ эътироф менамуданд, иҷро наменамояд.” Ба чунин андешаи муаллиф розишудан мушкил аст. КМ ҶТ таҳрири нави Кодекси гражданӣ набуда, бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Эмомалӣ Раҳмон – Президенти ҶТ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ пешниҳод шудааст. КМ ҶТ маҳсули воқеии истиқлолияти миллӣ буда, қонуни асосии танзими соҳавии ҳаёти хусусӣ ва унсури марказии худтанзимкунӣ буда, самтҳои асосӣ ва вазифаҳоро дар такмили қонунгузории маданӣ муайян мекунад, асоси меъёрӣ – ҳуқуқии инкишофи минбаъдаи танзими ҳуқуқи мадании фаъолияти соҳибкорӣ, фаъолияти иттиҳодиявӣ ва дигар шаклҳои муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии ба баробарӣ, мухторияти ирода ва мустақилияти молумулкии иштирокдоронашон асосёфта, мебошад. Яке аз сабабҳои дар моддаи 2 КМ ҶТ ҷойгир нашудани мафҳуми фаъолияти соҳибкорӣ дар он аст, ки фаъолияти мазкур танҳо хосси соҳибкор нест. Дигар субъектони ҳуқуқи маданӣ низ тибқи тартиботи муқарраршуда метавонанд ба ин фаъолият машғул шаванд. Объекти ин фаъолият муомилоти ашё, иҷрои кор, хизматрасонӣ ва воситаҳои молиявӣ буда, як шакли ифодаёбии муносибатҳое мебошад, ки дорои хусусиятҳои дар қисми 1 моддаи 2 зикршуда, мебошад. Соҳибкорӣ чунин муносибати фаъоле мебошад, ки аз ҷониби субъекти ваколатдори ҳуқуқи маданӣ дар асоси баробарӣ, мухтори-

# МАДАНӢ

яти ирода ва мустақилияти шахсӣ оид ба молумулк анҷом дода мешавад. Чи тавре устод Раҳимзода М. З. дуруст қайд мекунад, "... молу мулк на танҳо маҷмуа ё объектҳои моддии дорои аломатҳои ашёӣ буда, балки ҳуқуқҳои молумулкӣ, иттилооти ҳифзшаванда, натиҷаҳои ҳифзшавандаи фаъолияти зеҳние, ки арзиш дорад, низ шуда метавонанд. [Раҳимзода М. З. Баъзе масъалаҳои речаи ҳуқуқии молу мулки соҳибкор // Қонунгузорӣ. – 2017. - № 3 (27). – С. 35.]"

Сабаби дигари дар моддаи 2 КМ ҶТ ҷойгир нашудани мафҳуми фаъолияти соҳибкорӣ дар он аст, ки Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ аз тарзи муназзами тафсири меъёрҳои ҳуқуқ истифода мекунанд. Ин тарз чунин маъно дорад: "тафсир тавассути таҳлили иртиботи муназзами меъёрҳои ҳуқуқӣ бо дигар меъёрҳо, маком ва накши қоидаи мушаххаси рафтор дар низоми ҳуқуқ. [Насриддинзода Э. С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ (воситаи таълимӣ). – Нашри 2 – юм. – Душанбе: Адиб, 2022. – С. 163.]" КМ ҶТ, чи тавре баъзе муаллифон асоснок қайд мекунанд, санади бунёдии кодификатсияшудаи ҳуқуқи хусусӣ буда, муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро, аз он ҷумла муносибатҳои корпоративӣ, соҳибкорӣ, наклиётӣ, тиббӣ ва фармасевтиро, ки ба баробарӣ, мухторияти ирода ва мустақилияти молумулкӣ асосёфтаанд, танзим менамояд [Бободжонзода И. Х., Ануширвони Исрофил. Правовая система Республики Таджикистан в годы государственной независимости // Правовая жизнь. – Душанбе: Типография ТНУ, 2019. - № 3 (27). – С. 34.]. Меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ ба ғайр аз КМ ҶТ дар дигар санадҳои конунгузорӣ мукаррар шудаанд. Мафҳуми фаъолияти соҳибкорӣ дар қисми 1 моддаи 15 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23. 12 соли 2021, № 1844 ва дар сархати 4 моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ" аз 26. 07 соли 2014, № 1107 муқаррар гардидааст. Илова бар он дар асоси сархати 5 қисми 2 моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" аз 30. 05 соли 2017, № 1414, кодекс ва конун дар як сатҳ қарор доранд. Бинобар ин, агар мафҳуми зикршуда дар санадҳои қонунгузорӣ муқаррар гардида бошад, хоҷати такрори он дар қонуни нисбатан нав нест. Айнан такроршавии меъёр – мафҳумҳо ва дигар меъёрҳои монанд дар санадҳои конунгузорӣ ҷавобгӯйи талаботҳои техникаи меъёрэҷодкунӣ намебошад.

Бояд зикр намуд, ки ҳуқуқи маданӣ ҳуқуқи соҳибкориро "ғасб" накардааст. Дар асоси моддаҳои 2, 3, 7 ва дигар меъёрҳои КМ ҶТ фаъолияти соҳибкорӣ мавзӯи танзими ҳуқуқи маданӣ мебошад. Чи тавре ки баъзе муаллифон дуруст қайд мекунанд, муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба қайдгирии давлатии субъектони ҳуқуқи маданӣ, дарёфтани иҷозатномаҳои гуногун барои амалӣ намудани фаъолияти дар қонун мукарраршуда, стандартикунонӣ, сертификатсиякунонӣ ва дигар шаклҳои танзими давлатии техникии истеҳсоли мол (иҷрои кор ва хизматрасонӣ) мавзӯи танзими ҳуқуқи маъмурӣ мебошад.

Қонун махсули меҳнати зеҳнии инсон мебошад, вале дар амалияи давлатҳои пешрафта ба сифати муаллифи он танҳо конунгузор эътироф карда мешавад. Чунин холат бахри он аст, ки қонун озодона дастраси мардум гардад. Бидуни иҷозати муаллиф ҳар як шахс аз он мустақилона истифода барад.

Дар қонунгузории мадании Тоҷикистон қонун ва ё тарҷумаи он объекти ҳуқуқи муаллифӣ намебошад, чунки қонун ва матни он аҳамияти калони иҷтимоӣ дорад, бинобар ин истифодаи он бояд озод бошад. Воқеан қонун махсули фаъолияти эҷодӣ мебошад, вале баъди қабули он дастоварди ҷамъиятӣ мегардад. Озодона хондан, истифода ва татбиқи қонун яке аз аломатҳои давлати ҳуқуқбунёд аст. Аз ин рӯй, Вакили мардумӣ ва ё дигар аъзои гурухи кории таҳияи ин ё он қонун хушбахт аз он мегардад, ки махсули захмати ӯ дастоварди ҷамъиятӣ гардида, барои рушди Тоҷикистони азиз замина мегузорад. Чунин хизмат ба Ватан ба ҳар кас муяссар намегардад.

Қонунҳоро Маҷлиси намояндагон қабул менамояд. Ба истиснои ду қонун (дар бораи буҷети давлатӣ; дар бораи авф), дигар қонунҳо барои ҷонибдорӣ ба Маҷлиси миллӣ пешниҳод карда мешавад. Ҳамзамон чунин корҳо чиҳатҳои иҷтимоӣ дорад, шахсияти иҷтимоии Маҷлиси намояндагонро Вакилони мардумӣ ва кормандони ин мақоми олии конунгузор таъсису такмил медиҳанд, билохира пеш мебаранд. Бинобар ин, дар хусуси «субстракти иҷтимоӣ» - и Маҷлиси намояндагон ҳар чи бештар хонему омӯзем, ҳамон қадар барои накши созандаи таърихии онҳо замина мегузорем. Яке аз далели равшанӣ захмати онҳо қабули КМ ҶТ мебошад.

Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ мухтарам Маҳмадтоир Зокирзода дар ҷаласаи хотимавии иҷлосияи ҷоруми Маҷлиси намояндагон даъвати шашум (аз 30. 06 соли 2023) баён доштанд, ки «... дар заминаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки ба талаботи замони муосир мутобиқ намудани муносибатҳои муҳими ҷамъиятиро танзим менамояд. Бояд қайд намуд, ки муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ яке аз самтҳои мураккаби муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад, чунки он асоси муносибатҳои соҳибкорӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, истифодабарии замин, оид ба истифодаи захираҳои табиӣ, ҳифзи муҳити зист ва ғайраро дар бар мегирад [Ғаюрзода Б. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти худшиносӣ ва фарҳанги маънавиро фароҳам меоварад // Садои мардум. – 2023. - № 118 – 119 (4701 - 4702). – С. 6.]». Сатҳи баланди донишафзунии ин суханҳо дар он аст, ки ба масъалаҳои норавшан ва бахснок посух медиҳад. Муносибатҳои соҳибкорӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, истифодаи манзили истиқоматӣ, истифодаи қитъаи замин ва дигар сарватҳои табиӣ навҳои гуногуни муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ буда, ба принсипҳои баробарии иштирокдорони онҳо, дахлнопазирии моликият, озодии шартнома, номумкин будани дахолати худсаронаи ягон шахс ба корҳои хусусӣ, зарурати амалисозии бемонеаи ҳуқуқҳои маданӣ, таъмини барқарор намудани ҳуқуқҳои вайронгардидаи маданӣ ва ҳимояи судии ҳуқуқу манфиатхо асос меёбад. Азбайн рафтани баробарии иштирокдорони онҳо, дахолати беасос ба фаъолияти онҳо, маҷбуран бастани шартномаҳо, гаронии андоз, ноустувории санчишу пурсишҳои мақомотҳои ваколатдори давлатӣ ва дигар амалҳои маншуда барои соҳибкорӣ, устувории ҷомеа ба волоияти ҳуқуқи маданӣ монеаҳо ба вуҷуд меорад.

Ҳангоми муаррифии КМ ҶТ, ки бо ибтикори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ 3. 02 соли 2023 баргузор гардид, ёрдамчии Президенти кишвар оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ – намояндаи ваколатдори Президенти ҷумҳурӣ дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ, мухтарам Зариф Ализода изҳор намуд, ки Кодекси маданӣ «...самтҳои асосӣ ва вазифаҳоро дар соҳаи конунгузории маданӣ муқаррар намуда, муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ, инчунин тартиби амалӣ намудани муносибатҳои молумулкӣ, ҳуқуқи молумулкии зеҳнӣ, муносибатҳои корпоративӣ, шартномавӣ ва уҳдадориҳоро танзим менамояд. Хусусан, дар бораи идораи замин кодекси нав ҳуқуқ ва уҳдадориҳои хоҷагиҳои деҳкониро муқаррар намуда, тартиби бақайдгирии заминро сода мегардонад» [Ғаюрзода Б. Асари ишорашуда. – С. 6.]. Воқеан КМ ҶТ қонуни асосии танзими соҳавии ҳаёти хусусӣ ва унсури марказии худтанзимкунӣ буда, самтҳои асосӣ ва вазифаҳоро дар такмили қонунгузории маданӣ муайян менамояд, заминаи рушди ҳуқуқи маданӣ дар Тоҷикистон мебошад.

Дар таҳлили ин масъала дар ҳуқуқи маданӣ мо бояд муайян намоем, ки калимаи «шаҳрвандон» чӣ маъно дорад. Ин истилоҳ маънои ҷамъи ду ва зиёда шаҳрвандро дошта, решаи он аз калимаи «шаҳрванд» иборат аст. Калимаи «шаҳрванд» якчанд маъно дорад. Масалан, маънои сокини доимии шаҳр ва ё шаҳрнишинро дорад. Дар маънои дигар инсонеро меноманд, ки робитаи устувори сиёсию ҳуқуқӣ бо давлати мушаххас ва ё якчанд давлатро дошта, шаҳрванди як давлат ва ё зиёда аз он мебошад.

Дар ҳуқуқи маданӣ калимаи мазкур маъноҳои гуногун дорад. Масалан дар моддаи 17 Кодекси граждании ҶТ (аз 1. 07 соли ҷорӣ аз эътибор соқит шуд) мафҳуми шаҳрванд маънои васеъ дошта, шаҳрванд гуфта шаҳрванди ҶТ, шаҳрванди давлати дигар ва шахси бешаҳрвандиро меномиданд. Ҳамин тавр, мафҳуми шаҳрванд ҳаммаънои калимаи «шахси воқеӣ» мебошад. Чунин фаҳмиш аз нигоҳи накши калимаи «шахси воқеӣ» дар танзими ҳуқуқӣ дуруст набуд, зеро ки маънои калимаи «шаҳрванд» маҳдуд буда, дар доираи робитаи мушаххаси инсон бо давлат ё табаият муайян карда мешавад. Албатта калимаи «шаҳрванд» дар инъикоси муносибати инсон бо давлат, иҷрои уҳдадориҳои хатмӣ, садоқат ба Ватан ва ҳимояи он накши муҳим дорад, вале ҳаммаъной калимаи «шахси воқеӣ» намебошад. Инро ба назар гирифта моддаи 17 дар Кодекси мадании ҷумҳурӣ таҷдиди назар карда шуд. Мувофиқи қисми 1 он тахти мафҳуми шахси воқеӣ шаҳрванди ҶТ, шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд фаҳмида мешавад. Ҳамин тавр, камбудиҳои ҷойдошта оид ба фаҳмиши «шаҳрванд» бартараф гардид.

Дар муаррифии КМ ҶТ мухтарам Маҳмадалӣ Ватанзода – Муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ, роҳбари Гуруҳи кории Маҷлиси намояндагон оид ба таҳияи Кодекси маданӣ иштирок ва суханронӣ намуд. Аз баромади нотиқ бармеояд, ки «31 – уми январи соли 2022 лоиҳаи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси конунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуд. Лоиҳаи кодекси мавриди назар иборат аз 8 фасл, 72 боб ва 1351 модда таҳия гардид, ки он калонҳаҷм буда, муносибатҳои нави маданиро танзим, падида ва муқарраротҳои зиёди муосирро дар таҳрири нав пешбинӣ намуд. Кумитаҳо ва сохторҳои Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади такмили лоиҳаи кодекси мазкур пешниҳоди зиёд манзур намуданд. Дар натиҷа, ба он як фасл ва чор боби нав ворид шуда, аз 1351 модда, 9 фасл ва 76 боб мураттаб гардид» [Ғаюрзода Б. Асари ишорашуда. – С. 6.]. Сабаби кодекси калонтарин будани КМ ҶТ дар он зоҳир мегардад, ки ҷомеаи аҳолии кишвар аз ҷомеаи пасошӯравӣ ба ҷомеаи маданӣ табдил ёфтаистода, бо рушди мавкеи субъектони ҳуқуқи маданӣ, талабот ба қонунҳои мантиқан ягона ва илман асоснок меафзоявд. Дар ин ҷода КМ ҶТ накши марказӣ дошта, танзими муносибатҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкии ба худмухторӣ ва баробарӣ асосёфтаи иштирокдорони онро анҷом медиҳад. Таърихи ҳуқуқи мадании зардуштӣ, исломӣ, тахти империяи Россияи подшоҳӣ буда ва ҳуқуқи граждании шӯравӣ нишон медиҳад, ки афзалияти танзими муносибатҳои молумулкӣ бар зарари ҳуқуқи мадании шахсӣ ҷой дошт. Дар натиҷа тавозуни байни зерсоҳаҳои ҳуқуқи маданӣ вайрон гардид. Бо шарофати истиқлолияти давлатӣ ва хирадмандии Эмомалӣ Раҳмон – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ин нокомӣ ба ноумедӣ бартараф гардид. Дар он фасли дуюм «Ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ» (моддаҳои 225 - 254) ворид гардида, барои шаҳрвандони ҷумҳурӣ, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар ҳудуди кишвар имконияти худшиносӣ ва инкишофи фарҳанги маънавӣ фароҳам оварда шуд. Аввалин маротиба дар таърихи ҳуқуқи маданӣ ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ба ду намуди асосӣ ҷудо карда шуд: ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкие, ки мавҷудияти табиии шахси воқеиро дар муносибатҳои маданӣ таъминкунанда; ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкие, ки мавҷудияти иҷтимоии шахси воқеиро дар муносибатҳои маданӣ таъминкунанда.

Ҳамин тавр, муносибатҳои шахсии ғайримолумулкии инсон ва шаҳрванд ё худ муносибатҳои маънавии инсон ба мавзӯи танзими ҳуқуқи маданӣ на танҳо баргардонида шуд, балки бо донишҳои нав ва воситаҳои муосири инноватсионии ҳуқуқӣ мушаххас гардонида шуд. Бо чунин тавоной ва навоварӣ Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба худ ҳамто надорад.

**Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз саҳифаҳои муҳим дар таърихи миллати тоҷик ба ҳисоб меравад. Маҳз Истиқлолияти давлатӣ шароит ва имконоти дар дохил ва дар хориҷи кишвар амалӣ намудани ормонҳои халқи тоҷикро ба миён овард. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарофати истиқлолияти давлатӣ ба як қатор пешравиҳои бузург ноил гардидааст, ки яке аз онҳо ташаккули низоми қонунгузорӣ ба ҳисоб меравад. Дар арсаи байналмилалӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси як кишвари созанда шинохта ва эътироф гардида, ташаббусҳои он аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пуштибонӣ мегарданд.**

# ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ ВА ҲИМОЯИ МАНФИАТҲОИ МИЛЛӢ ДАР ҲАМБАСТАГӢ БО ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР СОҲАИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ



Абдуллозода Парвиз
д.и.х., дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ

Истиқлоли давлатӣ аз он ҷумла, доштани давлати алоҳида ин орзуи ҳазорсолаи миллати тоҷик буд. Бо саҳми миллати тоҷик ва шахсони абармарди он, хосатан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пояи истиқлол ташаккул ва рушд меёбад. Қобили зикр мебошад, ки барои ҳамеша собит мондани истиқлоли давлатӣ як қатор асосҳои бунёдӣ, аз ҷумла соҳибихтиёрӣ ва манфиатҳои миллӣ бояд аз ҳар гуна таҳдидҳои дохиливу хориҷӣ ҳифз карда шаванд. Маҳз ҳифзи соҳибихтиёрӣ, соҳибистиқлолӣ ва манфиатҳои миллӣ истиқлоли комили давлатро таъмин менамоянд. Дар сатҳи қонунгузорӣ пешбинӣ ва ҳифзи ин арзишҳо шароити муҳиммеро дар амалӣ гардидани онҳо таъмин менамояд. Аз ҷониби дигар, қонунҳо бо дарназардошти соҳибихтиёрии комил ва манфиатҳои миллӣ қабул мегарданд.

Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти ҶТ аз 6 феврали соли 2018, №1005 тасдиқ шудааст пешбинӣ менамояд, ки «... ҳимояи манфиатҳои миллӣ, тақвияти соҳибихтиёрӣ ва давлатдории миллӣ ... вазифаҳои якумдараҷаи сиёсати ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошанд». Ҷумҳурии Тоҷикистон арзишҳои башаририро ба роҳбарӣ гирифта, аз манфиатҳои миллии хеш ҳимоя менамояд.

Мутобиқи банди 6-уми Консепсияи болозкир «Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ, бӯҳрони молиявию иқтисодӣ ва шиддат гирифтани зиддиятҳои минтақавию тамаддунӣ яке аз воситаҳои муҳими ҳифзи истиқлолияти давлатӣ, эъмори ҷомеаи шаҳрвандӣ, устувории давлати ҳуқуқбунёд ва ҳимояи манфиатҳои халқи Тоҷикистон, ин дуруст, бонизом ва мутобиқ ба арзишҳои башарӣ ва манфиатҳои миллӣ ба роҳ мондани сиёсати ҳуқуқии давлат мебошад».

Чи тавре ки аз моҳияти консепсия бармеояд ҳангоми таҳияи санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқӣ ва тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ манфиатҳои миллӣ бояд ба роҳбарӣ гирифта шаванд. Зеро, он яке аз вазифаҳои сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Барои мушаххас намудани мафҳуми манфиати миллӣ



қонунгузорӣ мафҳуми ин истилоҳи муҳимро пешбинӣ менамояд. Мутобиқи моддаи 1-уми Қонуни ҶТ «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011, №721 манфиатҳои миллӣ - маҷмуи эҳтиёҷоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва эҳтиёҷоти дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз амалишавии онҳо қобилияти давлат дар таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, арзишҳои ҷамъият ва ниҳодҳои асосии давлатдорӣ вобаста мебошад. Аз мафҳуми овардашуда бармеояд, ки манфиати миллӣ ин маҷмуи эҳтиёҷоти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки амалишавии онҳо қобилияти онро муқаррар менамояд.

Моддаи 5-уми Қонуни зикргардида манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешбинӣ менамояд. Манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон гуногунҷабҳа мебошанд, аз он ҷумла, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; нигоҳдории ризоияти ҷомеа ва субъоти сиёсӣ дар мамлакат; тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ягонагии халқ, тағйирнопазирии сохти конститутсионии ҶТ, аз ҷумла, истиқлолияти давлатӣ, шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, дахлнопазирии сарҳади давлатӣ ва ҷудонашаванда будани ҳудуди он, иҷрои бечунучарои санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ, таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар асоси ҳамшарикӣ ва ғ.

Дар қатори манфиатҳои муҳими ҶТ иҷрои бечунучарои санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ, таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар асоси ҳамшарикӣ номбар гардидаанд.

Бояд зикр намуд, ки масъалаи истиқлолият, амнияти миллӣ ва манфиатҳои миллӣ дар доираи санадҳои байналмилалӣ, аз он ҷумла, дар шартномаҳои дутарафаи ҶТ оид ба масъалаҳои алоҳидаи ҳамкориҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ гардида, ҳамчун заминаи ҳуқуқии ҳифзи онҳо шартномаҳои байналмилалӣ баромад менамояд. Дар дебочаи якумин шарномаи байналмилалии дутарафаи ҶТ оид ба ҳамкориҳои ҳуқуқии ҶТ, аз ҷумла Созишномаи ҳамкориҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи масъалаҳои шаҳрвандӣ, тиҷоратӣ ва ҷиноятӣ байни ҶТ ва Ҷумҳурии Туркия аз 6 майи соли 1996 мустаҳкам намудани муносибатҳои дӯстӣ ва мусоидат намудан ба ҳамкориҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи масъалаҳои ҷиноятӣ, боздодан ва бозфиристодани маҳбусон бар пояи усули эҳтироми истиқлолият, баробарӣ ва дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигар пешбинӣ карда мешавад.

Ин тамоюл давом ёфта, дар дебочаи Паймон дар бораи ёрии ҳуқуқӣ дар масъалаҳои парвандаҳои гражданӣ ва ҷиноятӣ байни ҶТ ва Ҷумҳурии Халқии Хитой аз 6 сентябри соли 1996 аз принсипҳои эҳтироми истиқлолият ва ҳамоҳангӣ ёд карда мешавад.

Дар созишномаи якуми ҳамкорӣ масъалаҳои шаҳрвандӣ, тиҷоратӣ ва ҷиноятӣ танзим гардида, баъдан дар ҳар як масоили ҳамкориҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои ҷиноятӣ чанд шарномаҳои байналмилалӣ вобаста ба падидаҳои он байни ҶТ бо давлатҳои хориҷӣ ба имзо расонида мешавад. Ҳамин тариқ, дар дебочаҳои шартномаҳои дутарафаи байналмилалаии ҶТ оид ба истиқлолият, соҳибихтиёрӣ ва манфиатҳои миллӣ ёдоварӣ карда мешаванд, ки онҳо асоси ҳамкориҳои алоҳидаи байналмиалиро ташкил медиҳанд.

Аз он ҷумла, шартнома байни ҶТ ва Украина дар бораи додани ашхоси ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумгардида ҷиҳати адои минбаъдаи ҷазо аз 2-юми апрели соли 2004 принсипҳои соҳибихтиёрии давлатӣ, баробарҳуқуқӣ ва эҳтироми тарафайнро ба роҳбарӣ мегирад.

Созишнома дар бораи ёрии мутақобилаи ҳуқуқӣ ва судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ байни ҶТ ва давлати Қатар 23 октябри соли 2023 бо дарназардошти эътирофи муҳиммияти ҳамкорӣ барои танзими ёрии мутақобилаи ҳуқуқӣ ва судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, дар асоси қонунҳои Тарафҳо ва бо риояи ҳуқуқи байналмилалӣ, аз ҷумла, принсипҳои эҳтироми соҳибихтиёрии тарафайн ва дахолат накардан ба корҳои дохилии Тарафҳо ба имзо расонида шудааст.

Дар дебочаи шартномаи байни ҶТ ва Ҷумҳурии Халқии Хитой оид ба экстрадитсия аз 13 сентябри соли 2014 муносибатҳои дӯстонаи тарафайнро ба эътибор гирифта, бо мақсади мустаҳкам намудани ҳамкориҳо дар мубориза бар зидди ҷиноят, дар асоси эҳтироми истиқлолияти ҳамдигар, баробарӣ ва манфиатҳои ҳамдигар пешбинӣ гардидааст. Шартномаи байни ҶТ ва Ҷумҳурии Халқии Хитой оид ба супоридани маҳкумшудагон аз 13 сентябри соли 2014 ҳамкориро дар асоси эҳтироми сохибихтиёрӣ, баробарҳуқуқӣ ва манфиатҳои мутақобила пешбинӣ менамояд.

Созишнома байни ҶТ ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар бораи супоридани маҳкумшудагон аз 18-уми сентябри соли 2021 бо хоҳиши рушди ҳамкориҳои мавҷуда байни ду Тараф дар асоси принсипҳои соҳибихтиёрии миллӣ, дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигар




ва ҳимояи манфиатҳои тарафайн ба имзо расонида шудааст.

Зиёда аз ин, дар солҳои охир ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар қонунгузории соҳавӣ сабт гардида, яке аз асосҳои ҳамкориҳои байналмилалиро ташкил медиҳанд. Яке аз нишонаҳои асосии ин гуфтаҳо ислоҳоти Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ (минбаъд - КМҶ ҶТ) оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соли равон ба ҳисоб меравад. Қобили зикр аст, ҳангоми қабули КМҶ ҶТ соли 2009 фасли XII дар доираи 3 боб масъалаҳои алоҳидаи ҳамкориҳои байналмилалиро ба танзим медаровард.

Санаи 3-юми январи соли 2024 фасли XII дар доираи 3 боб аз КМҶ ҶТ хориҷ карда шуда, қисми IV бо номи ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ, ки фарогири 5 боб ва 56 модда аст, ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ ворид карда шуд. Ин ислоҳот нақши муассиреро дар имплементатсияи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии миллӣ гузошт.

Дар воқеъ, ин ислоҳот дар КМҶ ҶТ бисёре аз масъалаҳои мубрами ҳамкориҳои байналмилалиро дар мурофиаи ҷиноятӣ фаро гирифта, як қисми алоҳидаи КМҶ ҶТ-ро фаро гирифтани ин масъалаҳо шаҳодат аз он медиҳад, ки қонунгузории миллӣ ин ҳамкориҳоро қисми алоҳида ва қисми ногусастании мурофиа медонад. Истифодаи баъзе мафҳумҳо, ки имрӯзҳо вориди қонунгузории миллӣ гардидаанд, натиҷаи имплементатсияи баъзе санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар ин соҳа мебошанд. Ҳангоми ворид кардани қисми IV, ки муносибатҳои навро оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ба танзим медарорад ба масъалаи ҳифзи соҳибихтиёрӣ, амнияти миллӣ ва манфиатҳои миллӣ аҳмияти хос дода мешавад.

Меъёрҳои КМҶ ҶТ ҳамкории байналмилалии ҶТ-ро бо давлати хориҷӣ, ки ба манфиатҳои ҶТ зиён мерасонанд, манъ менамояд. Аз ҷониби дигар дар баъзе ҳолатҳо манфиатҳои давлатҳои дигарро низ КМҶ ҳифз менамояд. Мутобиқи қисми 4 моддаи 481 КМҶ агар дар натиҷаи иҷрои дархост оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ дар ҶТ маълумоте гирифта шавад, ки дорои сирри давлатӣ бошад, онҳо ба тарафи дархосткунанда дар ҳолате метавонанд дода шаванд, ки ин маълумот ба манфиатҳои ҶТ ё давлати дигар, ки ба ҶТ онҳоро додааст, зарар нарасонад ва танҳо дар сурати мавҷуд будани шартнома дар хусуси ҳимояи мутақобилаи иттилооти махфӣ ва мутобиқ ба талабот ба қоидаҳои дар онҳо пешбинишуда дода мешаванд. Ин меъёр дар доираи махфияти маълумот ҳангоми расонидани ёрии ҳуқуқӣ буда, ҳангоми расонидани зарар ба манфиати ҶТ ё давлати дигаре, ки маълумотро ба ҶТ додааст он ба давлати хориҷӣ дода намешавад.

Яке аз падидаҳои муҳимми ҳамкориҳои байналмилалӣ ин ёрии байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз давлатҳо далелҳоро бо тартиби ёрии байналмилалии ҳуқуқӣ ба даст меоранд. Моддаи 482 КМҶ яке аз асосҳои рад намудани иҷрои дархост оид ба ёрии ҳуқуқиро чунин муқаррар менамояд, агар иҷрои дархост ба қонунгузории ҶТ мухолифат кунад, ё ин ки ба соҳибихтиёрӣ, амният, тартиботи ҷамъиятӣ ё манфиатҳои дигари ҶТ зарар расонад. Асоси мазкур аз чанд унсур иборат буда, соҳибихтиёрӣ, амният ё манфиатҳои дигари ҶТ дар алоҳидагӣ пешбинӣ гардидаанд.

Мутобиқи моддаи 3-юми Шартномаи дар бораи ёрии ҳуқуқии байниҳамдигарии байни ҶТ ва Ҷумҳурии Ҳиндустон оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ аз 10 майи соли 2001 асоси рад ё таъхири расонидани ёрии ҳуқуқиро иҷрои дархост бар зарари истиқлолият, бехатарӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва манфиатҳои дигари муҳими ҷамъиятӣ пешбинӣ менамояд.

Моддаи 4-уми Созишнома байни ҶТ ва давлати Аморати Муттаҳидаи Араб дар хусуси расонидани кӯмаки мутақобила оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ 9 апрели соли 2007 яке аз асосҳои рад намуданро - иҷрои дархост метавонад боиси халалдор шудани соҳибистиқлолӣ, амният, тартиботи ҷамъиятӣ ё дигар манфиатҳои нисбатан муҳим гардад, пешбинӣ менамояд.

Тибқи муқаррароти моддаи 4-уми Созишнома дар бораи ёрии мутақобилаи ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ байни ҶТ ва давлати Қатар аз 23 октябри соли 2023 яке аз асосҳои рад намудани расонидани ёрӣ ин иҷрои дархост хилофи Конститутсияи давлат ё қонунгузории миллӣ бошад, ё ба соҳибихтиёрӣ, амният, тартиботи ҷамъиятӣ ё дигар манфиатҳои дигари назаррас хатар дошта бошад, мебошад.

Дар амалия ҳолатҳое, пеш меоянд, ки шахс барои сар кашидан аз таъқиботи ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар давлати хориҷӣ пинҳон мегардад. Дар сурати ба вуҷуд омадани чунин ҳолат ва пинҳон шудани шахс дар ҶТ аз супоридани шахс даст кашида мешавад, агар супоридани шахс ба уҳдадориҳои ҶТ аз рӯйи шартномаҳои байналмилалии ҶТ ва манфиатҳои он мухолифат намояд. Инчунин, аз супоридани шахс мумкин аст рад карда шавад, агар ҷинояте, ки вобаста ба он супоридани шахс дархост карда шудааст, дар ҳудуди ҶТ ё аз ҳудуди он берун ба муқобили манфиатҳои ҶТ содир шуда бошад (моддаи 511 КМҶ ҶТ).

Мутобиқи қисми 4 моддаи 17-уми Шартномаи байни ҶТ ва Ҷумҳурии Халқии Хитой оид ба экстрадитсия аз 13 сентябри соли 2014 супоридани моликияти мазкур набояд ҳуқуқҳо ба манфиатҳои қонунии Тарафи дархостшаванда ё Тарафи сеюмро ба он моликият вайрон намояд. Дар сурати мавҷудияти ҳуқуқ ва манфиатҳо Тарафи дархосткунанда моликияти ба он супоридашударо ба таври ройгон ба Тарафи дархостшаванда ё ба Тарафи сеюм дар муҳлатҳои кӯтоҳтарин баъд аз анҷоми мурофиаи судӣ месупорад.

Ҳангоми танзими рад намудан аз супоридани маҳкумшуда ё шахси нисбат ба ӯ чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббидошта татбиқкардашуда ба давлати хориҷӣ КМҶ масъалаи ҳифзи манфиатҳои миллиро бо ду тартиб пешбинӣ намудааст. Аз супоридани шахс рад карда мешавад, агар супоридани маҳкумшуда ё шахсе, ки нисбат ба ӯ чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббидошта татбиқ карда шудаанд, тавонад ба манфиатҳои ҶТ зарар расонад ё кирдори ҷиноятии содиршуда ба манфиатҳои миллӣ ва амнияти ҶТ халал расонад ё таъсири зиёди ҷамъиятиро ба миён оварда бошад.

Мутобиқи моддаи 9-уми Созишнома байни ҶТ ва Аморати Муттаҳидаи Араб дар бораи супоридани маҳкумшудагон аз 17-уми марти соли 2016 аз супоридани маҳкумшуда даст кашида мешавад, агар супоридани маҳкумшуда ба соҳибихтиёрӣ, амният, тартиботи ҷамъиятӣ ва ё манфиатҳои дигари кишвари ҳукмкарда зиён оварад.

Бояд иқрор шуд, ки истиқлол, соҳибихтиёрӣ, амният ва манфиати миллӣ, ки дар шарномаҳои дутарафаи байналмилалии ҶТ дар якҷоягӣ ё қисман, дар дебоча ё моддаҳои алоҳидаи шарномаҳо пешниҳод гардидаанд, ин ҳама меъёрҳое мебошанд, ки дар шартномаҳо оид ба масъалаи мазкур пешбинӣ гардидаанд. Дар дигар шарномаҳои дутарафаи ҶТ оид ба масъалаҳои ҷиноятӣ чунин муқарраротҳо ҷой надоранд ва ин маънои онро надорад, ки ҳангоми ҳамкории байналмилалӣ оид ба масъалаҳои ҷиноятӣ арзишҳои марбут ба истиқлоли давлатӣ ва манфиатҳои миллӣ ба роҳбарӣ гирифта намешаванд.

Ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар сатҳи КМҶ ҶТ пешбинӣ ва тақвият ёфта, ҳангоми тибқи онҳо ба манфиатҳои миллӣ дуруст баҳо дода шуда, ҳамкорӣ мутобиқи он анҷом дода мешавад. Зеро, ҳимоя накардани манфиатҳои миллӣ ин зарба задан ба эҳтиёҷотҳои муҳимми давлатӣ буда, иқтидори давлатро заиф мегардонад.

Имрӯз дар ҷаҳон тамоюли маҳдуд намудани соҳибихтиёрии як давлат аз ҷониби давлати дигар бо роҳҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд омадаанд, ки ба манфиатҳои миллӣ зарари ҷиддӣ мерасонанд. Масалан, ҳангоми ёрии байналмилалии ҳуқуқӣ чун анъана мақомоти марказӣ ё ваколатдори як давлат ба мақомоти марказӣ ё ваколатдори давлати дигар ҷиҳати ба даст овардани далел муроҷиат менамояд. Мақомоти марказӣ ё ваколатдори давлати иҷрокунандаи дархост бо назардошти бисёре аз асосҳо, ки яке аз махсусиятҳои муҳимми онҳо бо назардошти манфиати миллӣ мебошад, дархостро иҷро менамояд.

Аз рӯйи тамоюлҳои нав механизмҳое дар баъзе давлатҳо (аз он ҷумла, дар ИМА ва аз ҷониби давлатҳои дигар низ аз имкон берун нест) коркард карда шуда истодаанд, ки ба мақомоти ваколатдор ҳуқуқ медиҳанд, ки мустақиман на ба мақомоти марказӣ ё ваколатдор, балки ба ташкилот оид ба пешниҳоди далел муроҷиат намоянд. Дар сурати иҷро накардани чунин дархостҳо онҳо метавонанд нисбати давлат чораҳои ҳуқуқӣ ё ғайри ҳуқуқӣ, аз он ҷумла "санксия" татбиқ намоянд, ки чунин механизм бе иштироки мақомоти марказӣ ё ваколатдори давлат мумкин аст ба манфиатҳои миллии давлат зарари ҷиддӣ расонанд. Зеро, мақомоти марказӣ ё ваколатдори давлатӣ ҳангоми иҷрои дархост манфиатҳои миллиро ба роҳбарӣ мегиранд.

Мутобиқи мақсад мебошад, ки чунин тартиб дар доираи қонунгузории ҶТ манъ карда шаванд. Ҳамагуна лоиҳаи қонунҳо ё шарномаҳои байналмилалӣ бо дарназардошти манфиати миллӣ бояд омода гардида, қабул ё ба имзо расонида шаванд.

**“Истиқлолу озодӣ барои мо рамзи воқеии ифтихор аз Ватану ватандорӣ, бузургтарин имконияти давлатсозиву давлатдории мустақил, илҳомбахши азму талошҳои созанда ба хотири таъмин намудани рушди давлат, ободии Ватан, зиндагии осоиштаи мардуми Тоҷикистон ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии ҳар як оилаи кишвар мебошад”.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

# ИСТИҚЛОЛУ ОЗОДӢ ВА ЭҲЁИ НАВИНИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ

Истиқлоли давлатӣ муназзаҳтарин дастоварди миллати тоҷик дар таърихи навин буда, оғози эҳёи давлатдории миллӣ, рушду тараққии соҳаҳои гуногун ва муаррифии ҷаҳонии таъриху тамаддуни тоҷикон дар арсаи байналмилал ба шумор меравад. Бо шарофати таҳкими истиқлолу озодӣ ваҳдати миллӣ дар ҷумҳурӣ ҳукумфармо буда, Тоҷикистони азиз барои амалӣ намудани ҳадафҳои бунёдкориву стратегӣ гомҳои устувор мегузорад.

Бар асари таҳавуллоти сиёсиву иҷтимоӣ дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта, барои миллати тоҷик имконияти ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ муяссар гардид, ки ин неъмати бебаҳо олитарин ҷилваи ҳувияти миллӣ, рамзи бақову ҳастии миллат ва ифтихору сарбаландии ҳар фарди бонангу номуси Ватани азизамон маҳсуб мегардад. Хушбахтона 24-уми августи соли 1990 Иҷлосияи дуюми Шурои Олии ҶТ «Эъломияи истиқлолияти ҶТ»-ро кабул кард, ки он ҳуҷҷати заминавӣ барои эълони Истиқлоли Тоҷикистон санаи 9-уми сентябри соли 1991 гардид.

Мутаассифона, дар солҳои аввали Истиқлоли давлатӣ Ватани мо бар асари фитнаву дасисаи сиёҳкорони дохиливу хориҷӣ гирифтори ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гардид, ки ин раванд боиси харобӣ, ҳисороту курбониҳои зиёд ва фалаҷ шудани пояҳои ҳокимияти давлатӣ гардид, ки эҳтимоли аз байн рафтани давлати ҷавони тоҷикон ва пароканда гардидани миллат ба воқеияти рӯз табдил ёфта буд.

Боиси хушнудист, ки мардуми шарифи Тоҷикистон бо азму иродаи қавӣ ва бо сарварии Асосгузори сулху ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз он имтиҳони сахту сангин гузашт ва ба башарият исбот намуданд, ки мо тоҷикон ҳамчун миллати куҳанбунёду соҳибтамаддун метавонем тахти парчами истиқлолу озодӣ муттаҳид шуда, Ватани худро соҳибӣ намоему барои пешрафту инкишофи он талош намоем.

Таърихи замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад, ки ба ухда гирифтани масъулияти роҳбарии давлат дар Иҷлосияи тақдирсози таърихии XVI-уми Шурои Олии ҶТ аз ҷониби фарзанди қаҳрамону диловари миллати тоҷик муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сабабгори наҷоти миллат аз муталошӣ ва ҳифзи давлатдорӣ мебошад. Маҳз аз ҷониби Роҳбари ҷавони кишвар андешаи сулҳу оштӣ ва гузашту ҳамдигарбахшӣ ба миён гузошта шуда, дар ҷумҳурӣ Нишони давлатӣ ва Парчами миллӣ қабул гардид. Ҳамзамон, бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи кишвар қабул шуд, мақомоти фалаҷшудаи давлатӣ барқарор гардид, бо талошҳои Пешвои миллат дар Тоҷикистон сулҳ ва Ваҳдати миллӣ танинандоз гардид



**Миралӣ Шерализода**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ**

ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона ташаккул ёфт, аъзои созмону ташкилотҳои бонуфузи байналхалқӣ гардид.

Пешвои Миллат барҳақ қайд менамояд: “Муҳимтарин дастоварду комёбие, ки мо дар солҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон касб намудем, аз хатари нестӣ наҷот ёфтани давлатдории миллии тоҷикон мебошад”.

Воқеан, сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон на танҳо дар сухан, балки амалан собит сохт, ки истиқрори сулҳ ва ваҳдат омили асосӣ ва созандаи ҷомеаи инсонӣ аст. Таҷрибаи сулҳ ва ризояти миллии тоҷикон, ки бо сарварии ӯ мо ба он дастёб гардидем, дар таърихи башарият падидаи нодиру ибратомӯз аст.

Боиси ифтихору сарфарозист, ки тахти сиёсати хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Истиқлоли давлатӣ таҳким ёфта, миллати тоҷик, ки дорои таърихи чандинҳазорсола ва одату анъанаҳои фарҳангии бостонӣ мебошад, ба фардои рӯзгори худ ва ояндаи ободу осудаи Меҳани аҷдодӣ бо итминони комил ва эътимоди қавӣ назар менамояд.

Инчунин, бо ташаббусу заҳматҳои Сарвари давлат ва Ҳукумати мамлакат кишвари мо ба корҳои бузурги бунёдкориву созандагӣ машғул шуда, дар ин замина иқтисоди миллӣ рушд намуд ва Тоҷикистон ба мустақилияти иқтисодӣ дастёб гардида, муносибатҳои иқтисодӣ бо кишварҳои дигар, соҳаҳои хусусӣ, саноат, сайёҳӣ инкишоф ёфта, дар пешбурди сиёсати минтақавии кишвар ислоҳоти амиқи иҷтимоию иқтисодӣ гузаронида шуд. Имрӯзҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории густурдаи минтақавию байналмилалиро воситаи муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иқтисодиву тиҷоратӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, экологӣ ва таъмини амнияту субот дар Осиёи Марказӣ дониста, ҷонибдори таҳкими муносибатҳои байниҳамдигарии мардумони минтақа ва олам бар пояи дӯстӣ ва ҳусни эътимод мебошад.

Қобили зикр аст, ки таъмини истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бумбасти комуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон ва таъмин намудани амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии иқтисодиёти кишвар ҳамчун ҳадафҳои асосии стратегӣ муайян карда шуданд.



**Азимҷон ҶУРАЕВ**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи маданӣ**



Мусалам аст, ки рушду тараққии иқтисодиёти кишвар ба электроэнергетика алоқаи мустаҳкам дошта, баҳри ноил шудан ба истиқлоли комили энергетикӣ, таъмини аҳолӣ ба нерӯи арзону аз ҷиҳати экологӣ тозаи барқ ва афзудани иқтидорҳои энергетикӣ дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар қадамҳои устувор гузошта шуд, ки дар натиҷа сохтмон ва ба истифодабарии як қатор иншоотҳои бузурги тавлидоти нерӯи барқ рӯйи кор омад. Мисоли возеҳи он, сохтмон ва ба истифода додани НБО “Роғун” мебошад, ки он яке аз дастовардҳои бисёр ҳам муҳиму арзишманд барои имрӯзу ояндаи Ватани маҳбубамон буда, дар ояндаи наздик мусаббиби расидани Тоҷикистон ба истиқлоли комили энергетикӣ мебошад.

Вазъяти ниҳоят мураккабу ҳассоси ҷаҳони имрӯза, мусаллаҳшавии бошитоб ва шиддат гирифтани “ҷанги сард”, равнақ ёфтани фаъолияти гурӯҳҳои террористиву экстримистӣ моро бори дигар водор месозад, ки манфиатҳои милливу давлатиро содиқона ҳифз намуда, аз тамоми манфиатҳои дигар манофеи давлат ва миллатро болотару афзал донему, ба хотири таҳкими пояҳои давлати соҳибистиқлоли миллӣ саъю талоши пайгирона намоем. Дар зимн, чун неъмати бебаҳо ҳифз кардани соҳибихтиёрии Ватан, сулҳу суботи сиёсӣ, амнияти давлат ва ҷомеа, ваҳдати миллӣ ва тақвияти иқтидори иқтисодии давлат вазифаи ҷонӣ ва қарзи виҷдониву имонии ҳар як фарди бо нангу ори Тоҷикистон мебошад.

**Ҷашни Истиқлолу озодии Ватан хуҷаставу фархунда бод!**

# ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ – ТАШАККУЛИ РУКНҲОИ АСОСИИ ДАВЛАТДОРӢ



Давлатзода Диловар
дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ



Давлатзода Комрон
дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ

Арзишмандтарин ва бузургтарин дастоварди мардуми шарафманд ва куҳанбунёди Тоҷикистон, ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Истиқлолу озодӣ ҳамчун маҳсули аҳлу хиради миллат барои пойдории давлат аҳаммияти бузурги ҳаётӣ дошта, ба наслҳои минбаъда ҳамчун чароғи ҳидоят хизмат мекунад, зеро ин рӯйдоди воқеанҳам сарнавиштсозу бузург дар таърихи беш аз шашҳазорсолаи миллати тоҷик ва сарнавишти мардуми мо гардиши куллӣ ба вуҷуд овард ва ба шарофати ин рукни асосии давлатдорӣ мо соҳиби давлати соҳибихтиёр гардидем.

Маврид ба зикри хос аст, ки дар тӯли 33 соли соҳибистиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёд, таҳкими давлатдории миллӣ, ҳифзи манфиатҳои милливу давлатӣ, таъмини сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд гомҳои устувор ниҳода дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун як кишвари соҳиб тамаддуну фарҳангсолор ба расмият пазируфта шуд. Замони соҳибистиқлоли барои мо имкони воқеӣ фароҳам овард, ки роҳи имрӯзу ояндаи миллат ва пешрафти минбаъдаи кишвари азизамонро ба сӯйи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ интихоб намоем. Истиқлолият барои мо рамзи олии Ватану ватандорӣ, бузургтарин неъмати давлатсозию давлатдории мустақил, кору пайкорҳои пайгиронаи созандагӣ, азму талошҳои фидокоронаи расидан ба истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро омӯзонда, меъёрҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таҳким бахшид ва дар як вакт ҳаёти озодонаи ҳар фард ва олитарин дараҷаи бахту саодати воқеии миллатро таъмин намуд.

Бо ифтихор аз давлату кишвари соҳибистиқлоламон бо боварии зиёд метавон изҳор дошт, ки бо шарафёб гардидан ба ин рукни асосии давлатдорӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати демокративу ҳуқуқбунёд роҳи пуршебу фароз ва пурифтихореро тай намуда, дар самти таъмини шароити зиндагонии арзандаи сокинони кишвар, боло бурдани сатҳи некуаҳволии мардум, таъмини рушди устувори соҳаҳои ҳаётан муҳим ва эҳёни рукнҳои асосии давлатдорӣ ба дастовардҳои раднопазир мушарраф гаштааст. Сулҳу ваҳдати миллӣ, оромию субот дар ҷомеа ва таъмини амнияти сартосарии кишвар аз беназиртарин ва арзишмандтарин дастовардҳое мебошанд, ки мардуми бузургу сарбаланди тоҷик бо шарофати заҳмату талошҳои шабонарӯзии роҳбари оқилу тавоно, қаҳрамони асил, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст овардааст. Маврид ба зикри хос аст, ки бо азму талоши Пешвои миллат заминаҳои мусоид барои амалишавии ҳадафҳои стратегии мамлакат фароҳам оварда шуданд. Албатта воқеият ин аст, ки майлу ирода, саъю талош, таҳаммулгароӣ Пешвои муаззами миллат ва хиради азалии миллати тамаддунсозу фарҳангсолори тоҷик ва тафаккури созандаву рӯҳи шикастнопазири халқи Тоҷикистон муҳимтарин омили расидан ба сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ мебошад, ки танзими пайвастаи онҳо ва хусусияти меъёрӣ бахшидан ба чунин рукнҳои асосии давлатдорӣ ба истиқлолияти давлатӣ робитаи ногусастанӣ дорад.

Сокинони кишвари озоду ободи мо имрӯз ифтихор доранд, ки 33 сол қабл аз ин нахустин заминаҳои пойдевори истиқлолияти воқеӣ ва давлатдории миллии худро ниҳода, аз шарофати мустақилият соҳиби рамзҳои давлатӣ – Парчам, Нишон, Суруди миллӣ ва Ваҳдати миллию Конститутсия гардидем. Бояд тазаккур дод, ки яке аз рукнҳои асосии давлатдорӣ Парчами давлатӣ ифода мегардад. Парчами давлатии мо дар фазои орому осудаи мамлакат ҳамеша роҳнамову роҳкушои мардуми шарафмандамон ба сӯи ояндаи неку осуда бошад. Парчам аз рӯзи қабули он дар радифи Нишони давлатӣ ва Суруди миллӣ ба сифати рамзи давлати соҳибихтиёри тоҷикон ба сарвати муқаддаси маънавии ҷомеа табдил ёфта, хурду бузург ба он бо муҳаббату садоқат нисбат ба Ватан ва давлати миллии худ арҷ мегузоранд. Дар замони соҳибистиқлолӣ парафшон гардидани баландтарин Парчами давлатӣ дар пойтахти мамлакатамон – шаҳри Душанбе идомаи суннати қадимаи парчамдории халқамон ба ҳисоб меравад.

Мардуми фарҳангсолорӣ тоҷик аз он ифтихор дорад, ки осори ҷовидонаи ба забони нобии тоҷикӣ таълифнамудаи гузаштагони тоҷик ганҷинаи фарҳангу тамаддуни умумибашариро бо беҳтарин намунаҳои илмиву адабӣ ва ахлоқиву маънавӣ ғанӣ гардонидааст. Ҳамчунин, дар хотир бояд дошт, ки танҳо забони ягонаи миллӣ барои амалӣ гардидани муошират дар ҳамаи самтҳои фаъолияти ҷомеа шароит ва имкониятҳои мусоид фароҳам меоварад. Бинобар ин, барои ҳамаи соҳибзабонон зарур аст, ки забони адабӣ ва меъёрҳои онро донанд ва дар ҳама ҷо ба кор баранд.

Ҳамин тавр, дар тӯли 33 соли соҳибистиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегӣ: расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ ёфтан аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати мамлакат ба як қатор муваффақиятҳо ноил гардада, марҳила ба марҳила дар татбиқи ин ҳадафҳо қадамҳои устувор мениҳад.



Аз ин рӯ вазъи ноустувор ва зудтағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза моро водор месозад, ки ҳамеша ҳушёру зирак бошем, истиқлолу озодии кишвару миллатро ҳифз намоем, волоияти Конститутсия ва қонунҳои давлати худро таъмин кунем, саъю талоши худро ба хотири боз ҳам устувору мустаҳкам гардонидани сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ равона созем, Ватанамонро обод ва давлатамонро неруманду пешрафта гардонем.

# РӮЗИ ДОНИШ - ҶАШНИ МАЪРИФАТ ВА ТАҲКИМИ ҲУҚУҚИИ ТАҲСИЛОТ

*Рӯзи Дониш як ҷашни муҳим ва рамзӣ барои оғози соли таҳсили нав дар бисёр кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистон, ба ҳисоб меравад. Дар Тоҷикистон, ин рӯз ҳар сол 1 сентябр таҷлил мегардад. Он барои хонандагон, донишҷӯён ва омӯзгорон рамзи оғози давраи нави омӯзиш ва таҳсилоти расмӣ мебошад.*



Савзаализода Бузургмеҳр
донишҷӯи соли 3

Дар ин рӯз, мактабҳо ва донишгоҳҳо дар Тоҷикистон маросимҳои тантанавӣ мегузаронанд, ки дар он намояндагони ҳукумат, омӯзгорон, хонандагон ва донишҷӯён иштирок мекунанд. Мавзӯи асосии Рӯзи Дониш афзоиши саводнокӣ, маърифат ва рушди тафаккури илмиву эҷодӣ мебошад. Одатан, ба хонандагон ва донишҷӯён дар ин рӯз дарсҳои аввалини сол пешниҳод мешаванд, ки онҳо на танҳо ба донишомӯзӣ, балки ба рушди арзишҳои маънавӣ ва ахлоқӣ низ бахшида мешаванд.

«Рӯзи Дониш» на танҳо як ҷашни рамзӣ барои оғози соли таҳсили нав мебошад, балки аз ҷиҳати ҳуқуқӣ низ як рӯзи муҳим ва сарчашмаи ҳуқуқҳои таълимӣ ва омӯзишӣ барои шаҳрвандон мебошад. Ин рӯз ба ҳуқуқи шаҳрвандон барои дастрасӣ ба таҳсилот ва рушди шахсият ишора мекунад, ки он дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои амалкунандаи кишвар, инчунин санадҳои байналмилалӣ, ки Тоҷикистон ба онҳо пайвастааст, мукаррар шудааст.

**Конститутсия ва қонунгузории миллӣ:**

Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳсилоти умумӣ барои ҳамаи шаҳрвандон ҳатмӣ ва ройгон аст. Ин муқаррарот дар моддаи 41-и Конститутсия таъкид шудааст: «Ҳар як шахс ҳуқуқи таҳсил дорад. Давлат таҳсилоти умумиро ройгон ва ҳатмӣ эълон менамояд.» Ин ҳуқуқи асосӣ дар қонунгузории соҳаи маориф, аз ҷумла дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», боз ҳам муфассал шарҳ дода шудааст.

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»:**

Қонуни мазкур муқаррар мекунад, ки ҳамаи кӯдакон ва наврасон ҳуқуқи таҳсил дар муассисаҳои таълимии давлатӣ ва ғайридавлатиро доранд. Инчунин, дар он таъкид шудааст, ки таъмини шароити баробар барои ҳамаи шаҳрвандон, новобаста аз миллат, нажод, ҷинс, забон, дину мазҳаб, ҷойи истиқомат ва вазъи иҷтимоӣ, яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи давлат мебошад. Ин қонун ҳамчунин дар бораи ҳуқуқи донишҷӯён ба таъмини шароити мусоид барои таҳсил, аз ҷумла дастрасӣ ба китобҳои дарсӣ, шароити манзилӣ (бо назардошти хобгоҳҳо) ва дастрасӣ ба технологияи муосир, сухан меғӯяд.

**Ҳуқуқи байналмилалӣ ва ӯҳдадориҳои Тоҷикистон:**

Тоҷикистон узви як қатор созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид ва ЮНЕСКО мебошад. Дар заминаи ин узвият, Тоҷикистон ӯҳдадор шудааст, ки ҳуқуқи таълимотро риоя ва таъмин кунад. Як қатор санадҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (моддаи 26) ва Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (моддаи 13) таъкид мекунанд, ки ҳар як шахс ҳуқуқ ба таҳсилро дорад. Ин санадҳо ба кишварҳои узв тавсия медиҳанд, ки тадбирҳои зарурӣ барои таъмини дастрасӣ ба таҳсилоти босифат ва баробар андешанд.

Ҷашни Рӯзи Дониш ва маърифати ҳуқуқӣ:

Рӯзи Дониш як фурсатест барои таъкид кардани аҳамияти маърифати ҳуқуқӣ дар байни шаҳрвандон, бахусус ҷавонон. Дар мактабҳо ва донишгоҳҳо, дар ин рӯз, метавонанд дарсҳои махсус доир ба ҳуқуқҳои инсон, ҳуқуқҳои маданӣ ва ҳуқуқи дастрасӣ ба таҳсил гузаронида шаванд. Омӯзгорон метавонанд хонандагон ва донишҷӯёнро бо қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ, ки ҳуқуқҳои онҳоро таъмин мекунад, ошно кунанд. Ин иқдом ба тарбияи шаҳрвандони масъулиятшинос ва огоҳ аз ҳуқуқу вазифаҳои худ мусоидат мекунад.

**Хулоса:**

Рӯзи Дониш аз ҷиҳати ҳуқуқӣ на танҳо як маросими расмӣ барои оғози соли таҳсил мебошад, балки як рӯзест, ки ҳуқуқи шаҳрвандон барои дастрасӣ ба таҳсил ва рушди шахсиятро таҷлил мекунад. Таъмини ҳуқуқи таҳсилот, баробарӣ ва дастрасии васеъ ба таълим, асоси таҳкими ҷомеаи демократӣ ва пешрафти устувори кишвар мебошад. Тавассути маърифати ҳуқуқӣ, Рӯзи Дониш метавонад воситаи муҳиме барои таҳкими ҳуқуқҳои инсон ва ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ дар байни аҳолӣ гардад.

# ПОЯНДА БОД ИСТИҚЛОЛИ ТОҶИК!

**Дар зарфи 33 соли соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон дар арсаи олам ҷойгоҳи худро касб намуда, ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта шуд, ки ин ҳама аз сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шаҳодат медиҳад. Бинобар он, мо бояд дар якҷоягӣ ҳамчун фарзандони як модар амал намуда, дар бунёди Тоҷикистони биҳиштосо саҳмгузор бошем ва бо ин миллат ифтихор намоем.**



**Эраҷ КАБУТОВ**
**муовини декан оид ба таълим**

Агар ба таърих назар афканем миллати тоҷик гузаштаи бою куҳан дорад. Дар тӯли таърих миллати тоҷик борҳо зери ҳамлаҳои бегонагон қарор гирифта, мустақилият ва ё истиқлолияти худро аз даст дод ва бо мурури замон боз соҳиби он гардид. Миллати мо гарчанде давраҳои сахту сангинеро аз сар гузаронида бошад, вале фарҳанг, илму адабиёт ва аз ҳама муҳимаш забони модарии худро гум накард, ки ин шаҳодат аз бузургии миллати тоҷик аст.

Барои дубора бунёд намудани давлатдории тоҷикон ва ташкили давлати воқеан миллӣ 24 августи соли 1990 дар Иҷлосияи дуюми Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон бори аввал Эъломияи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ қабул гардид, ки ин зинаи асосӣ барои поягузории давлати навини тоҷикон гардид. Моддаи аввали он эълон намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати мустақили демократии ҳуқуқбунёд мебошад. Аммо ин ҳуҷҷат пурра ва ҳаматарафа таъмингари истиқлолияти ҶТ шуда наметавонист. Аз ҳамин сабаб, соли 1991 дар шаҳри Душанбе Иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват карда шуд ва 9-уми сентябри соли 1991 вакилони Иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии ҶТ даъвати дувоздаҳум ҳуҷҷати сарнавиштсоз, яъне «Изҳорот дар бораи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро қабул намуданд ва ана ҳамин ҳуҷҷат истиқлолияти комили Тоҷикистонро ба ҳамагон муаррифӣ кард. Имрӯз боиси хушбахтӣ ва сарфарозии мост, ки 33 сол мукаддам муҳимтарин воқеаи таърихӣ, яъне Истиқлолияти давлатии ҶТ ба даст омад. Аз ҳамон вақт то имрӯз ин сана ҳамчун иди расмӣ ҷашн гирифта мешавад.

Истиқлолият маънои мустақил будани давлатро нишон медиҳад. Соҳибистиқлол будан ин гувоҳи он аст, ки ҳеҷ кас наметавонад ба корҳои дохиливу хориҷии давлат дахолат намояд. Дар ҷомеаи имрӯза давлати соҳибистиқлол будан ин неъмати бебаҳост, чунки истиқлолият ин пеш аз ҳама ҳифзи давлат, пешрафти давлат ва боигарии давлат мебошад.

Пас аз соҳибистиқлол шудани миллати тоҷик пешрафти давлати тоҷикон тамоман ранги дигар гирифт. Истиқлолият ба мо дастовардҳои зиёде дод. Истиқлолият ба мо озодӣ овард, ба мо ободию пешрафт ва якдилию баробарҳуқуқӣ ато кард, инчунин дар ин давра мо соҳиби рамзҳои давлатӣ Нишон, Парчам ва Суруди миллӣ гаштем ва ҳамаи ин неъматҳо имрӯз давлати моро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ менамоянд. Истиқлолият ин симои миллат ва муаррифгари давлат дар арсаи ҷаҳонӣ мебошад. Дар ин давра Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ мақому манзалати хос пайдо намуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-уми ноябри соли 1994 Конститутсияи худро қабул намуд, дар ин давра Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид, ки ин ҳама бо шарофати истиқлолият ба мо мушарраф гардидааст. Мо ифтихор аз он дорем, ки Истиқлолияти давлати моро дигар давлатҳо пазируфтаанд.

Дарвоқеъ, Истиқлолият барои мо нишонаи барҷастаи пойдории давлат, бақои миллат, рамзи асолату ҳувият, мазҳари идеалу ормонҳои таърихӣ, шиносномаи байналмилалӣ ва шарафу эътибори ба ҷаҳони мутамаддин пайвастани кишвари соҳибистиқлоламон мебошад. Имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ Тоҷикистонро ҳамчун давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявӣ эътироф кардааст, ба мақоми он арҷ мегузорад ва ташаббусҳои созандаашро ба хотири ҳаллу фасли масоилу мушкилоти гуногуни сайёра дастгирӣ менамояд. Мо бояд аз ин миллат ва кишвари соҳибистиқлоламон бифахрему шарафу шӯҳрати пешинаву имрӯзаи миллати худро ҳифз намуда, ватанро аз ин беҳтар ободтару зеботар гардонем. Агар мо аз дидгоҳи имрӯз ба рӯйдоду ҳодисоти солҳои замони истиқлол назар афканем, мебинем, ки корнома ва азму талоши ободгаронаи тоҷикон то кадом андоза бузург аст. Дар ин давра ҳар як фарди соҳибмаърифату ватандӯсти кишвар ҷиҳати бунёд намудани давлати пояндаву обод қарзи фарзандии худро сарбаландона иҷро кардааст. Яке аз беҳтарин намунаҳои заҳмату талошҳои аҳлонаи халқи тоҷик дар замони соҳибистиқлолӣ баркарор намудани сохти конститутсионӣ, таҳкиму тақвияти давлату давлатдории миллӣ ва сарҷамъиву ваҳдат мебошад.

Хулоса, истиқлолият барои мо имконият фароҳам овард то ки мо роҳи имрӯзуояндаи миллати худ ва пешрафти давлати азизамонро ба сӯи ҷомеаи соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона интихоб намоем.

# ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ ВА ҲИФЗИ АСОЛАТИ МИЛЛӢ

*Тоҷикистони азизи мо баъди эълони истиқлолият роҳи бунёди давлатдории навини миллиро пеш гирифт ва дар шароити бисёр ҳассосу фоҷиабор, яъне ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ соҳиби рамзҳои давлатӣ гардид, ки муаррифгари давлати тозаистиқлоли мо дар арсаи байналмилалӣ ва боиси ифтихори ҳар як шаҳрванди кишвар мебошанд.*

*Эмомалӣ Раҳмон*



**Раҳмон Далер**
**судяи суди ноҳияи Сино**

Истиқлолу озодӣ барои ҳар миллат неъмати бузург ва сарнавиштсоз маҳсуб меёбад. Ватани азизамон 33 сол муқаддам ба муҳимтарин ва арзишмандтарин дастовард – Истиқлоли давлатӣ дастёб гардид, ки ин барои миллати мо мояи ифтихор ва нангу номус буда, таҷассумгари соҳибихтиёриву соҳибдавлатии миллати наҷиби тоҷик мебошад.

Хотиррасон бояд намуд, ки моҳи ноябри соли 1992 дар Қасри арбоб Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии ҶТ ба арсаи сиёсат шахсиятеро муаррифӣ намуд, ки дастовардҳои минбаъдаи кишвар ба номи ӯ иртиботи ҳамаҷониба доранд. Аз рӯзи Сарвари давлат интихоб гардидани фарзанди фарзонаи тоҷик Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми фишангҳои ҳокимият асосҳои сохти конститутсионӣ, меъёрҳои танзимкунандаи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар роиҷ гардида, пули миллӣ ба муомилот баромад ва шиносномаи миллии мо мардуми тоҷдори тоҷик, яъне истиқлоли давлатӣ дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф гардид.

Яке аз арзишҳои муҳимтарини сиёсиву иҷтимоии башарият ин истиқлолият мебошад, ки он ҳамарзиш бо озодист. Мардуми тоҷик табиатан истиқлолиятхоҳу озодидӯст аст. Таърих гувоҳ аст, ки барои ҳимояи марзу буми хеш, яъне барои ҳимояи истиқлолияти худ тоҷикон чӣ гуна ҷоннисориҳо намудаанд.

Аз он рӯзе, ки давлати мо соҳибистиқлол шуд, роҳи моро ба сӯи фардо ҳамвортар ва осонтар гардонд, зеро давлати мо барои сулҳу осоиштагӣ, бунёдкориву созандагӣ ва ободонӣ корҳои назаррасро ба анҷом расонид.

Дарвоқеъ, истиқлол барои мо рамзи олии ватану ватандорӣ, бузургтарин неъмати давлатсозию давлатдории мустақил, кору пайкори пайгиронаи созанда азму талошҳои фидокоронаи расидан ба истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро омӯзонда, меъёрҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таҳким бахшид ва дар як вақт ҳаёти озодонаи ҳар фард ва бахту саодати воқеии миллатро таъмин намуд. Ин неъмати бузург нуру зиё, меҳру вафо, ободию озодӣ, ҳамфикрию ҳамзистӣ ва осоиштагию абадиятро ба халқи тоҷик муҳайё сохт.

Мардуми тоҷик тӯли ҳазорсолаҳо кӯшиш ба харҷ медод, ки дорои давлати ягона ва соҳибихтиёр бошад, то тавонад аз ҳуқуқи комили хеш истифода бурда, манфиатҳои миллии худро ҳимоя намояд. Маҳз дар даврони Истиқлолият Ватани азизамон ба пешравиҳои назаррас ноил гардида, ба як қатор иншоотҳо, муассисаю корхонаҳо ва заводу фабрикаҳо сохта ба истифода дода шудаанд.

Бинобар ин, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамаи баромадҳояшон борҳо таъкид мекунанд, ки «Ба қадри истиқлолияту давлатдории миллӣ расидан, арзишҳои муқаддастарини давлату давлатдориро дарк намудан ва пос доштани онҳо ин ҳам қарз, ҳам масъулият ва ҳам шарафу номуси ватандорӣ, ҳам ифтихор аз давлату миллати хеш ва ҳам талошу заҳмати ҳар фарди бедордили ҷомеа баҳри худшиносӣ, маърифат ва фарҳанги волои миллӣ аст. Надонистани сарнавишти таърихии миллати худ, фориғболию бехабарӣ ва носипосӣ нисбати мероси маънавӣ-фарҳангии он, дар интиҳо шахсро ба инкори ҳақиқати воқеӣ, тамаддуни миллӣ, бегонапарастию қадр накардани кимати дастовардҳои истиқлолияти миллӣ оварда мерасонад». Бигзор аз нури хуршеди Истиқлол халқи мо сарбаланд бошад ва аз шуълаи ҳаётбахши Истиқлол рӯзгори сокинони кишвар осоишу баракати тоза пайдо намояд.

Имрӯз ҳар як шаҳрванди кишвар аз он ифтихор мекунад, ки соҳиби Ватани озоду обод ва давлати мустақил мебошад. Халқи азизи мо мекӯшанд то ватанашон ободу зебо бошад. Ин худ рамзи бофарҳангии мардуми тоҷик аст. Комёбиҳое, ки мардуми тоҷик бо вуҷуди ҳама мушкилоти дар ин муддат ҷойдошта ба онҳо муваффақ гардид, ба ҳама маълум аст ва ин ҳамаро нодида гирифтан бешак камоли беинсофист. Аз ҳама муҳим дар кишвари азизамон имрӯз сулҳу салоҳ, оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдату ягонагии миллӣ ҳукмфармост. Аз ин хотир дар шароити кунунӣ мо бояд арзишу манфиатҳои милливу ватанхоҳонаи худро аз ҳама чиз боло дониста, баҳри пешрафту шукуфоии Тоҷикистони азизамон кӯшиш ба харҷ диҳем ва дар ин замина дар фазои истиқлолу озодӣ якдилона умр ба сар барем.



# НЕЗАВИСИМОСТЬ – СИМВОЛ ПРОЦВЕТАНИЯ СТРАНЫ

**Тахмина САИДМУРОДОВА**
ассистент кафедры транспортного права и права пользования природными ресурсами




9 сентября Таджикистан отмечает очередную 33-ю годовщину независимости. 9 сентября 1991 года Республика Таджикистан официально провозгласила государственную независимость. Принятие этого важного исторического решения привело к появлению нового государства под названием Таджикистан на политической карте мира и его признанию в качестве полноправного члена мирового сообщества. Обретение государственной независимости потребовало от молодого государства создания новой правовой системы, разработки и принятия законов, соответствующих международным стандартам, определяющих форму правления, создания достойных условий жизни для населения и в то же время обеспечения прав и свобод человека. Независимость – это признак идентичности, гордости, чести и символ счастья. Практически еще до провозглашения независимости в стране началась гражданская война между представителями различных регионов и кланов, которая очень быстро приобрела характер противостояния. Окончательное мирное соглашение между представителями противоборствующих сторон было подписано только в 1997 году. Политический опыт показывает, что именно независимость и национальное единство определяют путь развития настоящего и светлого будущего и прогресса нашего общества, четко определяют направления и достижения.

Как подчеркнул Основатель мира и национального единства, Лидер-Нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон: «Независимость является самым священным и дорогим благом ,символом счастья и идентичности нации, патриотической чести и славы ,знаком устойчивости и долговечности государства». Таджикистан сегодня ведет самостоятельную внутреннюю и внешнюю политику, защищает национальные интересы республики на геополитической арене. Например, республика является активным участником международной коалиции по борьбе с международным терроризмом, экстремизмом и наркоторговлей. Одним из величайших и уникальных достижений первых лет государственного суверенитета является принятие Конституции. Следует отметить, что Конституция Республики Таджикистан разработана и принята с учетом лучших ценностей международного права, передового опыта цивилизованных стран, сравнительно-правового анализа правовой системы развитых стран, государственности и национальных таджикских традиций.. Сейчас, на протяжении многих лет мы можем сделать следующий вывод: «Новая эпоха государственного строительства и независимой государственности заставила нас встать на путь экономических реформ, изменить формы собственности, сформировать национальную экономику и новые структуры управления и их расширение откроют путь к рыночным отношениям и интеграции экономической системы Таджикистана в пульс мировой экономики». В День независимости на главном флагштоке торжественно поднимается флаг республики, президент страны принимает поздравления от политических лидеров, а в Душанбе и других региональных центрах проходят праздничные мероприятия.

# РОЛЬ ПРАВОВОГО ПРОСВЕЩЕНИЯ В ПРОЦВЕТАНИИ НЕЗАВИСИМОГО ТАДЖИКИСТАНА



**Халимова Мадина**
студентка 4-го курса

Независимость Республики Таджикистан, обретенная 9 сентября 1991 года, открыла новую главу в истории государства, став фундаментом для создания суверенного и правового государства. Этот исторический момент ознаменовал собой начало сложного и продолжительного процесса становления независимого Таджикистана. Важнейшим аспектом этого процесса стало формирование правовой системы, основанной на принципах верховенства закона, защиты прав и свобод граждан. В этой связи особое значение приобретает правовое просвещение, которое способствует укреплению правосознания, правовой культуры и соблюдению правопорядка.

Первые годы независимости сопровождались множеством вызовов, среди которых одной из главных задач стало создание правовой системы, соответствующей принципам демократии и правового государства. Принятие Конституции Республики Таджикистан 6 ноября 1994 года стало важным шагом в этом направлении. Конституция заложила основы правового государства, закрепив права и свободы граждан, принципы разделения властей и верховенства закона. В этом году страна отмечает 30-летие принятия Конституции, что подчеркивает важность этого документа в процессе становления независимого Таджикистана.

Однако принятие Конституции стало лишь первым шагом на пути формирования правового государства. Для эффективного функционирования правовой системы необходимо было обеспечить знание и понимание гражданами их прав и обязанностей. В этом контексте правовое просвещение стало неотъемлемой частью государственной политики, направленной на повышение правосознания населения. Правовое просвещение охватывает широкий спектр мероприятий, направленных на распространение правовых знаний среди различных групп населения, включая молодежь, женщин, работников правоохранительных органов и других.

Важным аспектом правового просвещения является его роль в формировании правосознания граждан. Правосознание включает в себя не только знание законов, но и понимание их значимости, готовность соблюдать правовые нормы и защищать свои права. В условиях становления независимого государства, правосознание стало ключевым элементом для укрепления правопорядка и предотвращения правонарушений. Особенно важно было сформировать у граждан уважение к закону и государственным институтам, что стало залогом стабильности и устойчивого развития страны.

Страна отмечает 33-летие своей независимости, эти три десятилетия стали периодом значительных изменений и трансформаций в правовой системе страны. Преобразования, связанные с укреплением независимости, потребовали от государства активных действий по формированию правовой культуры и повышения правовой грамотности граждан. Именно поэтому по инициативе Основателя мира и национального единства - Лидер нации, Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона 2024 год был объявлен «Годом правового просвещения» в Республике Таджикистан. Эта инициатива направлена на углубление правовых знаний среди населения, повышение правосознания и привитие уважения к закону.

Правовое просвещение также играет ключевую роль в формировании правовой культуры. Правовая культура представляет собой совокупность правовых знаний, норм и ценностей, которые определяют поведение граждан в правовой сфере. В условиях становления независимого Таджикистана, правовая культура становится важным элементом социальной и правовой жизни общества. Формирование правовой культуры способствует укреплению правопорядка, повышению правосознания и защите прав и свобод граждан. В этом контексте важным является проведение мероприятий, направленных на распространение правовых знаний, повышение правовой грамотности и формирование у граждан уважения к праву.

Особое внимание в правовом просвещении уделяется молодежи. Молодое поколение играет ключевую роль в будущем развитии страны, и его правовое сознание становится важным фактором в процессе формирования правового государства. Важность правового просвещения среди молодежи заключается в том, что именно молодые люди должны стать носителями правовых знаний и ценностей, которые определяют развитие общества в будущем. В этом контексте образовательные учреждения играют важную роль, обеспечивая молодежь необходимыми правовыми знаниями и формируя у них уважение к закону.

Кроме того, правовое просвещение способствует укреплению доверия граждан к государственным институтам и правовой системе в целом. Доверие граждан к правовой системе является основой для стабильного и устойчивого развития государства. В условиях независимого Таджикистана, где государственные институты и правовая система только начали формироваться, правовое просвещение стало важным инструментом для укрепления доверия к государству. Повышение правовой грамотности населения способствует осознанию важности соблюдения законов и укреплению правопорядка.

Важной составляющей правового просвещения является его способность предотвращать правонарушения и способствовать обеспечению общественной безопасности. Правовое просвещение помогает гражданам осознавать ответственность за свои действия и необходимость соблюдения законов, что, в свою очередь, способствует снижению уровня преступности и укреплению общественного порядка. В условиях независимого государства, где происходят значительные социально-экономические изменения, повышение правовой грамотности населения становится необходимым условием для предотвращения правонарушений и обеспечения общественного порядка.

Таким образом, правовое просвещение играет важную роль в процессе становления независимого Таджикистана. Оно способствует формированию правосознания граждан, укреплению правопорядка, защите прав и свобод граждан, а также развитию правовой культуры и доверия к государственным институтам. В условиях становления независимого государства, правовое просвещение стало неотъемлемой частью государственной политики, направленной на создание правового государства и обеспечение устойчивого развития страны.

# ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ – НЕЪМАТИ БУЗУРГИ МИЛЛАТИ ТОҶИК



**МУРОДЗОДА Умед**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ**

*Истиқлоли давлатӣ - волотарин ва пурарзиштарин дастоварди давлату миллати тоҷдори тоҷик аст. Ин неъмати бузург баробари ба даст овардан нуру зиё, меҳру вафо, ободиву озодӣ, ҳамфикриву хамзистӣ ва осоиштагиро ба мардуми тоҷик ва Тоҷикистони азиз овард. Даврони истиқлолият роҳи имрӯзуояндаи миллат ва пешрафти минбаъдаи кишвари азизамонро ба сӯи ҷомеъаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ муайян намуд. Истиқлолият зиндагии ноороми мо мардуми тоҷикро ба манзараи рангорангу дилфиреб ва Ватани азизамонро ба як макони беназир, бемислу монанд ва макони сайёҳони хориҷӣ табдил дод.*

*То имрӯз дар муддати 33-соли истиқлолият, сарзамини бузурги мо дар тамоми самтҳо аз қабили илму маориф, санъату фарҳанг, иқтисоду иҷтимоиёт ва дигарҳо ба пешравиҳои зиёд ноил гардид.*

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша дар баромаду суханрониҳои хеш Истиқлолиятро бузургтарин ва муқаддастарин дастоварди миллати тоҷик номида, аҳамияти ин масъалаи муҳимро баён менамоянд. Мардумро барои чун гавҳараки чашм ҳифзу нигоҳдории он роҳнамоӣ карда, истиқлолро тантанаи адолати таърихӣ ва идомаи силсилаи давлатдории чандинҳазорсолаи ниёгонамон ва пайвастани он ба оини давлатдории навин миллиамон меномананд: «Маҳз Истиқлолият ба мо имконияти таърихие фароҳам овард, ки Ватани худро соҳибӣ кунем, давлатдории миллии хешро барпо намоем, суннату арзишҳои миллиамонро эҳё созем, ормонҳои деринаи халқамонро амалӣ гардонем ва зиндагии озодонаи мардумамонро ба роҳ монем».

Истиқлол воситаи асосии рушду нумӯи давлат ва муайянкунандаи сиёсати дохилию хориҷии ҳар кишвар аст. Истиқлол нишони ҳувият, ифтихор, номус, рамзи саодат ва шарти бақои миллат мебошад. Истиқлоли давлатӣ ба он мусоидат намуд, ки дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвар комёбиҳои беназир ба даст оварда шаванд. Дар баробари ин, истиқлол дар назди миллати тоҷик рисолати бузургеро гузошт, ки муҳимтарини онҳо ташкили аркони давлати соҳибихтиёри миллӣ, таҳкими сулҳу субот, таъмини амнияти давлат ва ҷомеа, оғози раванди созандагиву бунёдкориҳо ва расидан ба сатҳи зиндагии шоистаи мардум мебошад. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти маҳбуби кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намудаанд: “Ба шарофати мустақилият халқи мо соҳиби рамзҳои давлатӣ – Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ гардид. Асосҳои сохтори конститутсионӣ, рукнҳои нави идоракунии давлат, меъёрҳои танзимкунандаи ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар муқаррар гардида, асъори миллӣ ба муомилот бароварда шуд.”

Бояд гуфт ки, мустақилияти давлат дар нигоҳ доштани ягонагӣ ва волоияти ҳокимияти давлатӣ дар ҳудуди мамлакат ва соҳибихтиёрӣ дар муносибат бо субъектҳои сиёсии байналмилалӣ ифода меёбад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ муаррифӣ гардида, бо аксар кишварҳои олам ва созмонҳои ҷаҳонӣ муносибатҳои дипломатӣ ва ҳамкорӣ барқарор намудааст. Тоҷикистон узви фаъоли Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони ҳамкории исломӣ ва чандин ташкилотҳои байналмилаливу минтақавии дигар мебошад.

Истиқлоли давлатӣ барои рушди иқтисодиёти ватанӣ шароити хуб фароҳам овард. Бунёди роҳҳои оҳан ва автомобилгард қадами бузург баҳри иҷрои ҳадафҳои стратегӣ ва омили муҳим баҳри ҳамгироии ҷомеа мебошанд. Таҷрибаи сиёсӣ нишон медиҳад, ки маҳз Истиқлол ва Ваҳдати миллӣ роҳи инкишофи имрӯзуояндаи дурахшон ва пешрафти ҷомеаи моро муайян ва самтҳои ба мақсад расиданро равшан сохта, тамоми шаҳрвандонро баҳри амалӣ гардондани онҳо ҳидоят менамояд.

Дар ҳақиқат, имрӯз дар фазои Истиқлолият ва сулҳу субот кулли ҷомеа сарбаландона ҳаёт ба сар мебаранд. Имрӯз ба кадом соҳае назар накунем, дар баробари дигар қишри ҷомеа ҷавонон низ бо дасту дили гарм паи кору пайкоранд ва содиқонаву софдилона фаъолият бурда истодаанд. Аз ҷаҳду талош ва фаъолияти намунавии онҳо эҳсос мегардад, ки ин қишри ояндасози ҷомеа дар зери ливои Истиқлолияту Ваҳдат бо боварии комил ба сӯи фардои дурахшон қадамҳои устувор мегузоранд.

Воқеан, имрӯз Тоҷикистон ҳамчун кишвари сулҳдӯсту сулҳофар аз тарафи ҷомеаи ҷаҳони пазируфта шуда, таҷрибаи кишвари мо, дар барқарор кардани сулҳу субот ва муқовимат алайҳи хавфу хатарҳои ҷаҳони муосир ба мактаби омӯзиш табдил ёфтааст. Ба шарофати сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки марзу буми кишвар аз вартаи нестшавӣ ва парокандагӣ эмин дошта шуда, мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати кишвари сулҳдӯсту сулҳофар дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд гашт ва шинохта шуд. Ин шаҳодати он аст, ки воқеан таҷрибаи мактаби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳалли масъалаҳои амниятӣ на танҳо дар дохили кишвар балки дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва сатҳи ҷаҳон хело бузург аст. Дар ин радиф, мо бояд, ҳамеша кӯшиш намоем, ки дастовардҳои истиқлоли давлатӣ чун сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро ҳифз намоем. Зеро, дар шароити пуртазоди авзои ҷомеаи ҷаҳонӣ, сулҳу субот ва тинҷиву оромӣ аз арзишмандтарин дастовардҳои истиқлоли давлатӣ маҳсуб мешаванд.

Истиқлолияти давлатӣ имрӯз Тоҷикистонро таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хонаи умеди тамоми тоҷикони дунё табдил дод. Озодиву истиқлол барои ҳар миллат муқаддас ба ҳисоб меравад. Бо орзую умедҳои нек гуфтанӣ ҳастем, ки дар остонаи 33-солагии Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи фарзандони бонангу номуси миллати мо рисолату асолати давлатдории миллӣ ва қарзи муқаддаси шаҳрвандиашонро дарк намуда, барои ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, пуштибонии амнияти милливу давлатӣ, таҳкими сулҳу ваҳдат ва суботи сиёсӣ, таъмини рушди иқтисодиёт ва пешрафти Ватани азиз нерӯю дониши худро дареғ намедоранд.

Мо Ватани соҳибихтиёру озодамонро баробари ҷони худ дӯст медорем ва ба шукронаи соҳибистиқлоливу соҳибдавлатӣ барои ҳифзи сулҳу оромӣ Ваҳдати миллӣ ва дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам боло рафтани нуфузу обрӯи Тоҷикистони маҳбубамон аҳлонаву софдилона заҳмат мекашем. Бигузор иди муқаддаси Истиқлолият барои ҳар фарди соҳибдилу озодаи кишвар саломатӣ, бахту саодат, зиндагии осуда ва комёбию кушоишҳо оварад. Поянда бод давлати соҳибистиқлоли тоҷикон!

# КОНСТИТУТСИЯ – КАФИЛИ ОЗОДӢ ВА САОДАТИ ҶОМЕА



**Аҳмад ЁРОВ**
**муфаттиши калони шуъбаи тафтишотии прокуратураи ҳарбии гарнизони Душанбе**

Вақте, ки сухан дар борaи Конститутсия меравад, мо ҳатман ҳомӣ ва тарроҳи ин номаи бахту саодати миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро пеши рӯ меоварем, зеро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишонаи ҷомаи амал пушидани орзуи деринаи миллати тоҷик дар роҳи расидан ба соҳибистиқлолӣ дар чорчӯбаи арзишҳои фарҳангӣ буда, маҳз дар натиҷаи сиёсати хирадмандона ва оқилонаи Президенти мамлакати мо ба амал бароварда шуд. Санаи 6-уми ноябри соли 1994 Ҷумҳурии Тоҷикистон нахуст маротиба Конститутсияи худро тариқи раъйпурсии умумӣ қабул намуд, ки он аз 10 боб ва 100 модда иборат мебошад.

Дар Конститутсия ҳар як вожа маъниеро аз воқеияти сарнавишти миллати тоҷик дар тӯли тарақии таърихи тайнамудаи он ифода мекунад. Воқеан Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади меъёрӣ-ҳуқуқии эътибори баланди ҳуқуқӣ дошта, арзиши олии давлату миллат маҳсуб меёбад. Конститутсия тартиботи асосии ҳуқуқии ҳаёти ҷомеа буда, аз ҷиҳати мазмуни худ қонуни асосии мамлакат ба ҳисоб меравад. Он поягузори давлати соҳибистиқлол, ҳуқуқбунёд, демократӣ, дунявӣ ва иҷтимоии кишвари азизамон буда, тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, сиёсиву ҳуқуқӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва соҳаи байналмилалиро дар бар мегирад.





Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дастовардҳоеро ба давлату миллати тоҷик дод, ки онҳо баҳри ташаккули давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона арзиши хосаеро доро мебошанд. Дар таърихи мардуми мо нахустин маротиба дар Конститутсияи мазкур қайд карда шуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибистиқлол, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона аст ва танҳо халқ таҷассумкунандаи Истиқлолият ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ мебошанд. Дар асоси муқаррароти Конститутсияи соҳибистиқлол дар Тоҷикистон бисёрҳизбӣ-рукни муҳимтарини сохти мардумсоларӣ бунёд ёфт. Дар соҳаи иқтисодиву иҷтимоӣ бошад аз қабили гуногуншаклии моликият ва рушди озоди соҳибкорӣ аз ҷониби давлат ва ҷамъият пуштибонӣ ёфта, дар ин асос системаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ гардид.

Тамоми корҳое, ки дар партави Конститутсияи давлати соҳибистиқлоламон анҷом дода шудаанд, танҳо ба хотири таҳкими пояҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвари азизамон, фароҳам овардани шароити мусоиди зиндагӣ ва фаъолият барои шаҳрвандон ва мустаҳкам намудани Ваҳдати миллии тамоми сокинони Тоҷикистон анҷом дода шудаанд.

Баъди сипарӣ гардидани солиёни зиёд аз қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, эътимодамон боз ҳам қавитар мегардад, ки сиёсати пешгирифтаи Сарвари тоҷикони олам Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон генерали артиш Эмомалӣ Раҳмон кафолатбахши амнияту осоиши кулли халқу миллатҳои сарзамини тоҷикон, шоҳроҳи эътимоду боварӣ, раҳнамунсози миллати соҳибтамаддуни тоҷик, пешрафту созандагӣ, ваҳдату ҳамбастагӣ ва худшиносию ҳуввияти миллӣ мебошад.

# ХАТАРҲОИ БУЗУРГ ВА НИГАРОНКУНАНДАИ ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ (ИФРОТГАРОӢ)



АБДУЛЛОЗОДА Ҷамолиддин
раиси суди ноҳияи Ёвон

Ҷаҳони муосир вобаста ба мақсаду таъсиргузориҳои шуми қудратҳои ҷаҳонӣ ва амалинамоии фаъолияти гурӯҳҳои ифротгароии динӣ, ҷомеаҳои шаҳрвандиро ба мушкилоту барҷомониҳои иқтисодиву сиёсӣ, фарҳангиву иҷтимоии навбатӣ мувоҷеҳ намуда истодааст. Нақшаҳои паси пардагии мақсадмандон дар натиҷаҳои коркард ва ҷалбнамоиҳо, махз бо дасти ҷавонони гумроҳ ва фирефташуда бо фаъолияти харобиовари гурӯҳҳои ифротгаро амалӣ мешаванд, ки ба оромиву осоиштагӣ, ба истиқлоли озодӣ ва рушди босуботи кишвари азизи мо низ ҳамаҷониба таҳдид менамояд.Аз ин хотир, дар канор мондан ва дарки дуруст ва ҳамаҷониба накардан атрофи ин масоил, ҳамчун вабои аср ва маризии хуруҷкунандаву табобатнашаванда, метавонад пайомадҳои нангину фоҷеаборро ба сари миллат ва бақову осудагии тамоми бошандагон бемайлон фурӯ резад. Имрӯз дер нашудааст, ки мо тамоми шаҳрвандони кишвари азизамон новобаста аз аз синну сол ва касбу кор, аз мансубият ба ҳизб ва мавқеи сиёсиву иҷтимоии худ бояд дар ин набарди фикриву ақлонӣ, дар ин мубориза бузург бо дарки вокеии ин мушкилоти ракамӣ ва инсонияти ҷаҳонӣ дар сафи пеши мубориза қарор дошта бошем.

Таҳдиди ҷиддии тафаккури ифротӣ, гурӯҳҳои ифротгароии динӣ ва созмонҳои террористӣ, на танҳо ҳамчун хатари бузурги минтақавӣ, балки бо таъсиргузории махсус имрӯз фарогири тамоми ҷаҳон гардидааст. Зуҳуроти ин падидаи нангин аз доира ва сатҳи як миллату давлатҳо берун гашта, хусусияти умумиҷаҳонӣ ва глобалиро ба худ касб намудааст. Вобаста, ба ин зуҳурот ҳар давлату миллат мавриди пешгирӣ ва аз байн бурдани он таҳдиду мақсадҳои пасипардагии корсозону муаллифони сенарияҳои махсус ҷораандешӣ ва корбариҳо намуда истодаанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карда буданд, ки: "Яке аз омилҳои густариш ёфтани ифротгароӣ ва терроризм ин аз ҷониби ташкилотҳои террористӣ васеъ истифода гардидани технологияҳои муосири иттилоотӣ, бахусус, шабакаи интернет бо мақсади пешбурди ташвиқоти экстремистӣ, ба сафҳои худ ҷалб намудани аъзои нав, омода ва роҳбарӣ намудан ба амалҳои харобкоронаи онҳо махсуб меёбад".

Аз ҳамин хотир, барои пешгирии наврасону ҷавонон мавриди шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро дар ҷомеа аз ҳама муҳиму асосӣ фаъолияти самарабахш ва масъулияти падару модарон дар тарбия ва таълими фарзандон ба ҳисоб меравад. Зеро фарзанд маҳз дар оила ҷашм ба олами ҳастӣ кушода, дар муҳити солими он ба воя мерасад. Аз нахустин рӯзҳои дарки рангу бӯй, ҳаводису ҳаракат оняндаи кӯдакон маълум мегардад. Фарзандон бароҳи волидон мукаддастарин инъоми худовандист. Як лаҳза ғофил мондан аз тарбияи атфол метавонад бори гарони зиндагиро ба дӯши волидон ва фарзандон бор намояд. Моро пайваста таваҷҷуҳ нисбати феълу атвор, гашту гузор ва машғулиятҳои фарзандон аз ҳарвақта дида зарурy ҳатмист. Зеро воситаҳои таъсиррасон ва ҷалбнамоиҳо дар ҷомеа он қадар зиёд гардидааст, ки дуруғ дар либоси ростин ва даъватҳои ғаразноку мухталиф дар шакли ҳақиқат пиндошта мешавад. Аз ин лиҳоз, ба ақидаи сиёсатшинос Ятимов С.С. "Сатҳи маърифатнокии ҷомеа бояд, то ҳадде боло бурда шавад, ки мардум дар паси ҳар шиор, ваъда, пешниҳод, даъват ва суханронӣ пурра эҳсос карда тавонад ва дарк намояд, ки ин суханбозиҳо манфиати киро, кадом гурӯҳро ҳимоя мекунад. Иқтидори мутобиқати онҳоро ба манфиатҳои миллӣ, таъмини сулҳу субот ва рушди давлатдории мо сарфаҳм раванд".

Таҷрибаҳои коршиносони масоили сиёсӣ, бозгӯи он аст, ки дар мавриди муносибатҳо ва шароити муосир ғояҳои ифротгароии динию сиёсӣ асосан дар миёни ҷавонон пахн карда мешаванд. Омилҳое, ки барои паҳншавии ғояҳои ифротгароӣ мусоидат менамоянд, хеле зиёд ва гуногунанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омилҳои таъсиррасони ин раванд, аз истифодаи шабакаи Интернет оғоз гардида муҳоҷират ва таширфи ҷавонон ба кишварҳои хориҷа, махсусан ба Федератсияи Россия аввали васоити авҷгирии ин марҳилаи вабои аср ба ҳисоб меравад. Ҷавонони дур аз Ватан бо шароитҳои иҳотагардидаи махсуси мақсадмандон бо дар назардошти беназоративу имкониятҳои васеъи қарордошта аз лиҳози таъсири ифротгароии динию сиёсӣ бештар осебпазир мебошанд. Дигар омили ҷалбгардидан ба мутеъи мақсадмандон гаштани насли ҷавони кишвар, таҳсили онҳо дар кишварҳои исломӣ ва донишгоҳу донишкадаҳои давлатҳои молик ба ин равандӣ хатарзо мебошад. Сукунати шаҳрвандони тоҷиктабор ва дигар миллату халқиятҳои берун аз Ватан монда, дар он кишварҳо низ хавфи ба гурӯҳҳои ифротгароӣ ва террористӣ пайвастани онҳоро зиёд менамояд. Дар шароити имрӯза рушди бемайлони технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, махсусан шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои интернетӣ ба зеҳну тафаккури ҷавонон таъсири манфии бештар мерасонанд. Истифодабарии дурусти шабакаҳои иҷтимоӣ аз тамоми бошандагони ҷомеа масъулияти ҷиддиро талаб менамояд.Омили дигар дар ин раванд интихоби арзишҳо ба ҳисоб меравад, ки намояндагони ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ ба ҷаҳонбинии ҷавонон таъсиррасонӣ намуда, интихоби онҳоро дар самтҳои нодуруст равона менамояд, ки дар натиҷа онҳо ба "арзишҳои" бо ном исломӣ, сиёсӣ ва тундгаро афзалияти бештар медиҳанд.

Дар ин замина вобаста ба аҳамияти муборизаи оштинопазир бо гурӯҳҳои ифротгаро дар муқовимати шадиди идеологӣ ва таъмини амнияти идеологӣ дар шароити ба ҳамоии тамаддунҳо мо ба идеологияи ягонаи миллӣ ниёз дорем. Ин шакли ғоявии мубориза дар худ бояд нерӯи тахкимбахшандаи худшиносиву ифтихори миллӣ, ваҳдату ягонагӣ ва офарандаи ниёзҳои тамоми қишрҳои ҷомеаро таҷассум намояд.Танҳо дар амалӣ намудани ҳамин шакли фаъолият мо метавонем дар асоси қонунҳои амалкунанда, бо ҳамбастагиҳо пайи рафъи камбудиҳо гардида, ҳаётӣ осуда ва шоистаро барои худ ва тамоми шаҳрвандон ба миён оварем. Ин қарз ва рисолати фарзандии мо барои имрӯз ва фардои дурахшони Тоҷикистони азиз ба ҳисоб меравад.

# ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ-ЗАМИНАИ РУШДИ ҚОНУНГУЗОРӢ



Сулаймонзода Фариддун
судяи суди
ноҳияи Фирдавсӣ

Истилохе, ки барои тамоми давлатҳои дунё, аз ҷумла Тоҷикистон азиз аст, ин "Истиқлолият" ба ҳисоб меравад. Зеро орзуи ягонаи халқи тоҷик аз азал ин соҳиб шудан ба истиқлолияти давлатӣ ба ҳисоб мерафт. Истиқлолияти давлатӣ барои мо тоҷикон муқаддас ва муътабар ба ҳисоб меравад, зеро муборизаи ҷандинсолаи халқи тоҷик тавонист моро ба ин арзиши бебаҳо оварда расонад ва Тоҷикистонро ҳамчун як давлати соҳибистиқлол дар харитаи сиёсии ҷаҳон муайян намояд.

Баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, ҳарчанд вазъи дохилии кишвар он қадар хуб набуд, зеро мо дар вартаи ҷанги шаҳрвандӣ гирифтор шуда будем, аммо ба ин нигоҳ накарда Ҷумҳури Тоҷикистон ҳадафи асосии худро бахри бунёди давлати соҳибихтиёру ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи адолатпарвар равона намуд. Якдилӣ ва ҳамдигарфаҳмии халқи тоҷик, бо ташаббус ва сиёсати хирадмандонаи фарзанди фарзонаи миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонист Тоҷикистонро аз вартаи нобудшавӣ, ки фарогири ҷанги шаҳрвандӣ шуда буд, наҷот диҳад.

Истиқлолияти давлатӣ барои мо озодӣ, баробарӣ, соҳибихтиёрӣ ва мустақилияти миллиро соҳиб гардонид. Баъди ба даст овардани истиқлолият давлат муносибатҳои дохилии худро мустақилона муайян намуда, дар муносибатҳои байналмилалӣ озодона фаъолият менамояд. Сиёсати дарҳои кушодро пеш гирифтани Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист ҳамкорӣ ва муносибати байни давлатамонро бо дигар давлатҳои ҷаҳон афзун гардонида, боиси ба имзо расонидани бисёр шартномаю карордодҳои байналмилалӣ гардад.

Яке аз дастовардҳои бузурге, ки мо дар замони истиқлолияти давлатӣ ба он соҳиб гаштем, ин рушди қонунгузории мамлакат ба шумор меравад. Нақши санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ назаррас буда, қабули сариваҳтии онҳо ба мо имконияти соҳиб шудан ба тартиботи ягона ва мустақилона амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳоямонро ба вуҷуд меорад. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ҷамъият нуфузи бештар дошта, доираи васеи муносибатҳои ҷамъиятиро танзим мекунад.

Рушд ва инкишофи қонунгузории давлат за пешравии муносибатҳои ҷамъиятӣ низ вобастагӣ дорад, зеро инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ асоси ба вуҷудоии меъёрҳо бахри танзими онҳо мегардад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқиро қабул намудааст, ки ба воситаи онҳо имрӯз муносибатҳои ҷамъиятӣ мавриди танзим қарор гирифтааст. Дар кишвар таи 367 санади қонунгузорӣ (ба истиснои санадҳои меъёрии зерқонунӣ) қабул карда шудааст, ки нақш ва мавқеи онҳо бахри ба таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ калон аст.

Масъалаи рушди қонунгузории давлат дар замони Истиқлолияти давлатиро ҳуқуқшиносони кишвар ба омилҳои гуногун вобаста медонанд. Ду омили наве, ки таи солҳои охир аз ҷониби олимони ватанӣ эътироф шудааст, воқеан ҳам қобили дастгирист. Яке аз онҳо таъсири ҷаҳонишавӣ ба инкишофи қонунгузории давлат, дигаре рушди қонунгузории кишвар дар заминаи қабули барнома, стратегия ва консепсия ба шумор меравад.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мисли қонунгузории давлатҳои муосир дар шароити вусъати ҷаҳонишавӣ инкишоф меёбад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ қонунгузории миллӣ ба қоидаҳо ва меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонида мешавад. Дар ҳаёти ҳаррӯза ҷаҳонишавӣ ба инкишофи қонунгузории давлат таъсири ҷиддӣ мерасонад. Дар натиҷаи хусусияти умумиҷаҳонӣ пайдо намудани муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ қонунгузорӣ низ ташаккул меёбад. Таи солҳои охир дар натиҷаи ҷаҳонишавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаҳои нави ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқии кишвар ба вуҷуд омаданд, аз ҷумла ҳуқуқи сайёҳӣ, ҳуқуқи обӣ, ҳуқуқи тиббӣ ва ғ. Муносибатҳои нави ҷамъиятие, ки дар соҳаҳои нав ба вуҷуд омаданд, тақозои қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқиро мекунанд, ки ин қабули чунин санадҳо аллакай ба мо маълум аст.

Рушди қонунгузории давлат дар заминаи қабули барнома, стратегия ва консепсияҳо таи солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нмоён аст. Аз ин сабаб баъзе ҳуқуқшиносони кишвар ин масъаларо ҷонибдорӣ мекунанд. Барнома, стратегия ва консепсияҳо дурнамои қонунгузории кишвар махсуб ёфта, бахри инкишоф ва қабули санадҳои меъёрии нави ҳуқуқӣ замина фароҳам меорад. Вазъи ҳуқуқии барнома, стратегия ва консепсияҳо таваассути Қонуни ҶТ "Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 3 августи соли 2018 танзим мегардад. Рушди қонунгузории давлат дар заминаи ҳуҷҷатҳои болозикр дар солҳои охир ба мушоҳида мерасад.

Яке аз омилҳои рушди қонунгузории давлат ин таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ба шумор меравад, ки ин ақида низ аллакай ҷонибдорони худро пайдо намудааст. Дар натиҷаи анҷом додани ин амал метавон тағйиротҳои навро пайдо намуд, ки ин ба мукаммалнамоӣ ва мустаҳкамнамоии меъёрҳои қонунгузории давлат заминаи хубро фароҳам меорад.

Албатта меъёрҳои қонунгузорӣ абстрактӣ (хаёлӣ) набуда, балки воқеан дарҷгардида (меъёрҳои зинда) мебошанд. Ин меъёрҳо хусусияти динамикӣ доранд. Бо дарназардошти рушд ва тағйироти куллии муносибатҳои ҷамъиятӣ ба шароити нав мутобиқ гардонида мешаванд, ин мутобиқнамоӣ барои ифода ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ имкониятҳои васеъро ба миён меорад.

## СӮГВОРӢ

Садорат, устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ ва идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» аз даргузашти **МОДАРИ** мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ Азиззода Убайдулло ва **МОДАРИ** дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ Яъкубова Сабохат сахт андӯҳгин буда, ба онҳо аз даргоҳи Яздони пок сабру шикебоӣ хоҳонанд.

# ИСТИҚЛОЛИЯТ – ОМИЛИ РУШДИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ



**Тошев Фаридун**
**донишҷӯи соли 4**

Истиқлолият роҳи имрӯзу оянда миллат ва пешрафти минбаъдаи кишвари азизамонро ба сӯи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ муайян намуд. Маҳз бо шарофати ба даст даровардани истиқлолият ба наврасону ҷавонони мо имконият фароҳам омад, ки дониш, қобилият ва маҳорати хешро дар ҳамаи самтҳо инкишоф диҳанд, ватани худро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намоянд, пешсаф бошанд ва ба сӯи ояндаи нек устуворона қадам гузоранд. Дар баробари ин, истиқлол дар назди миллати тоҷик рисолати бузургеро гузошт, ки муҳимтарини онҳо ташкили аркони давлати соҳибихтиёри миллӣ, таҳкими сулҳу субот, таъмини амнияти давлат ва ҷомеа, оғози раванди созандагию бунёдкориҳо ва расидан ба сатҳи зиндагии шоистаи мардум мебошад. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти маҳбуби кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намудаанд: «Бо шарофати мустақилият халқи мо соҳиби рамзҳои давлатӣ – парчам, нишон ва суруди миллӣ гардид. Асосҳои сохтори конститутсионӣ, рукнҳои нави идоракунии давлат, меъёрҳои танзимкунандаи ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар муқаррар гардида, асъори миллӣ ба муомилот бароварда шуд.

Тавассути соҳибистиқлолӣ милатҳо имкон пайдо мекунанд, ки фарҳангу тамаддуни худро тақвият бахшида, нақши босазои худро дар пешрафти тамаддуни ҷаҳонӣ гузоранд. Ин аст, ки таърих борҳо шоҳиди муборизаҳои хунин баҳри бадастовардани истиқлолият аз ҷониби миллатҳои гуногун гаштааст. Шаҳди истиқлолият миллатҳоро ба корзори шадидтарин бархӯрдҳо кашидааст, бо вазнинтарин шикастҳо рӯ ба рӯ сохтааст. Вале ин ҳама дар назди истиқлолияти комил рӯйдоде беш нест, зеро он ба миллатҳо имконияти мустақилона муаррифӣ намудани худ, тақдирсози зиндагии худ шудан ва соҳибватаниро фароҳам меоварад. Аз ин рӯ, месазад, ки баҳри таҳкими он талош варзида, дар ҳассостарин лаҳзаҳо аз он бо арзиши ҷони худ дифоъ намуд.

Танҳо истиқлолият чун рамзи озодию ягонагӣ ба мо тамоми имкониятҳоро фароҳам оварда, он чун хуршеди дурахшон роҳи ояндаи моро нуру зиё бахшид ва баҳри амалӣ намудани ҳадафу мақсадҳои неку неруи тозаро эҳдо сохт. Маҳз бо пайки ин неъмати бебаҳо имрӯз кишвари моро дар арсаи байналмилалӣ мешиносанду бо тамоми дастовард ва фарҳангу тамаддуни гузаштаи мо арҷ мегузоранд. Воқеан дар баробари дигар муқаддасот истиқлолият низ яке аз арзишҳои воло мебошад, ки бо ба даст оварданаш тамоми ҳастии миллии мо аз нав эҳё гардид. Имсол истиқлолияти кишвари мо 33-сола гардид, ки чун ҷавони матину устувор сӯи фардои дурахшон равон асту моро ҳам бо худ бурда истодааст.

Маҳз ба туфайли истиқлолияти давлатӣ ва ваҳдати миллӣ имконияти ҷалб намудани сармоягузории хориҷӣ ба иқтисоди Тоҷикистон ба миён омад. Ҳоло сохтмонҳои азими ҷумҳурӣ, мисли Сангтӯда- 1, Сангтӯда - 2, шоҳроҳи Душанбе – Хуҷанд – Чанок, нақбҳои Шаҳристону Шар-шар ва дигар иншоотҳои азим аз ҳисоби маблағгузории хориҷа бунёд ёфтаанд.

Дар арсаи байналхалқӣ бо қарори ЮНЕСКО таҷлил гардидани 1100-солагии Давлати Сомониён, 2500-солагии Истаравшани бостонӣ, 100-солагии мутафаккир ва олими барҷастаи тоҷик Носири Хисрав, тантанаи 2003 – соли оби тоза дар пойтахти кишварамон шаҳри Душанбе ва ҷашнгирии 2700-солагии шаҳри Кӯлоб, ҳамчунин аз ҷониби СММ дастгирӣ ёфтани пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин ҷашн гирифтани 800-солагии Мавлон, 1150-солагии Рудакӣ ва ниҳоятан таҷлил намудани 1310-солагии пешвои мазҳабамон Имоми Аъзам ва 5 октябри ҳамон сол ҷамъ намудани 500 нафар аз муҳаққиқони олами Ислом ин ҳама гувоҳи онанд, ки халқи Тоҷикистон, давлати тоҷикон қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, ҷаҳон нисбати сиёсати пешгирифтаи Президент ва Ҳукумати Тоҷикистон таваҷҷуҳи хос дорад. Ин дастовардҳое, ки ин ҷо зикр гардид ҳама маҳсул ва натиҷаҳои хайри Истиқлолияти давлатӣ ва ваҳдати миллӣ мебошад, ки бояд мо ҷавонону толибилмон шукргузор аз он бошем.




Пас мо ҷавононро зарур аст, ки ба қадри истиқлолият ва дастовардҳои он расида, дар ин сарзамини сулҳофарину соҳибистиқлол бо сари баланд, бо дониши хубу аъло таҳсил намуда ҳамеша дар ободиву озодии ин сарзамини биҳиштосову соҳибистиқлол бо сари баланд, бо дониши хубу аъло таҳсил намуда, ҳамеша дар ободиву озодии ин сарзамини биҳиштосову соҳибистиқлол кӯшиш намоем.

**Ҳумоюн бод истиқлоли тоҷик,**
**Дили аз фахр моломоли тоҷик.**
**Паёми сабз орад кафтари ишқ,**
**Ба гӯши миллати хушфоли тоҷик.**

# ФАЗОИ ҲУҚУҚИИ ИСТИҚЛОЛ

*Баъди барҳам хурдани ИҶШС ҳамаи давлатҳо худро соҳибихтиёр эълон карданд ва мустақил гаштанд. Вале барои мустаҳкамсозии истиқлолияти ин давлатҳо омилҳои асосӣ барои сулҳу осоиштагӣ ва оромиву ваҳдат дар давлат, инкишофи иқтисодиёти давлат, такя намудан ба захираҳои дохилии табиӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии худ ва инчунин пеш аз ҳама дар халқ баланд бардоштани ҳисси меҳнатдӯстӣ, ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ лозим буд.*

Тоҷикистон низ, ки ба яке аз давлатҳои пасошӯравӣ дохил буд, зарур пеш омад, ки баъди ба даст овардани истиқлолият мебоист дар хусуси тезонидани хусусигардонии моликияти бесоҳибмондаи давлатӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, инкишоф додани илмҳои бунёди дар соҳаи илму фарҳанг, ки ба тараққиёти минбаъда мусоидат мекунад, инчунин дар шароити иқтисоди бозаргонӣ кадрҳое таёр карда шаванд, ки ба шароити нав мутобиқ бошанд. Дар баробари ин бояд ба таври ратсионалӣ истифодабарии арзишҳои анъанавию фарҳангӣ, динӣ таъмин карда мешуд.

Истиқлолият ин неъмати бебаҳост,ки насиби на ҳар халқу миллат мегардад ва он ба осонӣ низ ба даст намеояд. Тоҷикон яке аз халқҳои хушбахти рӯи дунёанд, ки тавонистанд баъди ҳазор сол истиқлолияти давлати таърихию куҳанбунёд ва мероси аҷдодонамонро ба даст биёранд. Ба ғайр аз тағиротҳои номбаршуда яке аз мушкилотҳои бузург ин ивазнамоии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва мутобиқ мутобиқсозии онҳо ба мавқеи нави сиёсии Тоҷикистон дар ҷаҳон ба ҳисоб мерафт.

Таърих собит менамояд, ки омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсии ҳаёти одамон дар натиҷаи инқилобҳо, гузариш аз як сохт ба сохти дигари ҷомеа тез иваз мешаванд. Аммо омилҳои фарҳангӣ, тамаддунӣ, маънавӣ тез тағйир намеёбанд. Чунончи ба андешаи олимон низ аз байн рафтани давлат маънои қатъи якборaи амали ҳамаи унсурҳои низоми ҳуқуқиро надорад. Шуури дар муҳити сотсиалистӣ ташаккулёфтаи халқ, менталитети ҳуқуқӣ, назарияҳои ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, анъанаву одатҳои ҳуқуқӣ якбора нест намешаванд. Низоми ҳуқуқии Тоҷикистон, ки таърихи чандинҳазорсола дошта, ҳанӯз дар замони ориёӣ ташаккул ёфта, сипас замони ислом ва бо баробари ташаккули низоми ҳуқуқии исломӣ, меъёрҳои исломӣ инкишоф меёбад.

Ҳарчанд мустақилгардонии сиёсати дохилию хориҷӣ, иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва низоми ҳуқуқии давлат муддати дуру дарозро талаб намояд, аммо роҳбарияти давлат бо роҳбарии бевоситаи Эмомалӣ Раҳмон Комиссия оид ба тартиб додани лоиҳаи конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлолро ташкил намуда, санадҳои зиёди меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаҳои мухталиф қабул гардидааст. Барои боз ҳам мустаҳкамгардонии низоми сиёсиву ҳуқуқӣ ва мавқеи кишвар дар арсаи байналмилалӣ Тоҷикистон ба якчанд ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ ба монанди СММ, ИДМ, САҲА аъзо шуда, то ин замон қариб аксарияти санадҳои ин ташкилотҳоро раиификатсия намудааст, ки ин ба мутобиқгардонии қонунгузории миллӣ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ асос гардида, инчунин боиси баланд гаштани маърифати ҳуқуқӣ дар ҷомеа, шинохти ҳуқуқи инсон ва пеш аз ҳама Тоҷикистонро ҳамчун давлати мустақил ба ҷаҳониён муаррифӣ намуд.

Айни замон тамоми ҷаҳон Тоҷикистонро на танҳо ҳамчун давлати соҳибихтиёр, балки ҳамчун яке аз кишварҳои осоиштаи



**Сайдаҳмадзода Шукрона**
**донишҷӯи соли 2**

ҷаҳон, минтақаи сайёҳӣ ва маркази илму фарҳанг мешиносанд. Тоҷикистон дар тӯли 33 соли соҳибистиқлолӣ тавонист муваффақиятҳо ва дастовардҳои бузургро дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти ҳаёти ҳам дохилидавлатӣ ва ҳам муносибатҳои хориҷӣ, инчунин фазои ҳуқуқии худро ба дараҷаи олӣ баланд бардорад, ки самараи онро мо насли истиқлол дар рӯзҳои имрӯза дида истодаем.

**Фарорасии 33-солагии истиқлолияти давлатӣ ба ҳама тоҷикони ҷаҳон муборак бод!**